Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

1 апрели соли 2015, чоршанбе, №14 (993)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН


## СОЛИ МАВЛОНО ҶОМӢ дар Тоҷикистон бобарор буд




саҳ. 8

## ДӮСТӢ ДАР ОИНАИ КАҶНАМО

Муносибат ба муҳоҷирон имрӯз боиси таааҷҷуб аст. Ин масъала онҷунон ба сиёсат омезиш ёфтааст, ки ба фаҳмиши назарҳои мухталиф кас баъзан оҷизӣ мекашад. Тазодро бубинед: аз як тараф, минтақаҳои гуногуни Русия ба намояндагии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон барои фиристодани қувваи корӣ муроҷиат менамоянд ва худашон ба Тоҷикистон меоянд, то ин ки хоҳишмандонро ба кор дар манотиқи хеш ҷалб кунанд, аз ҷониби дигар, дар ВАО-и русӣ тарғиботу ташвиқоти доманадор зидди муҳоҷирон давом мекунад. Ба ворисони халқи ғолиб, ки инсониятро аз ҷанги фашизм раҳо карда буд, чӣ бало задааст?

саҳ. 10



Ҳаёти ҳизб

### МУЛОҚОТИ ФАТТОҲЗОДА БО САФИРИ ХИТОЙ



саҳ. 3

Авзои ҷаҳон

### ДАРГИРИҲО ДАР ЯМАН



саҳ. 7

Даҳшат

### ГУНАҲГОРИ БЕГУНОҲ



саҳ. 12

Ҷашмандоз

### МАТБАА ВАЙРОНУ РӮЗНОМАНИГОРОН САРСОН



саҳ. 12

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дирӯз таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар оғози маҷлис Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ дар давраи то соли 2020 баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки барои татбиқи босамари барномаи мазкур "тамоми имкону захираҳои таълимию тарбиявӣ бояд васеъ истифода шаванд, то ки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ барои ҳифзи табиат ва покизагии муҳити зист масъулияти баланд эҳсос намояд".

Таъкид гардид, ки "табиати биҳиштосои Тоҷикистон аз пурарзиштарин сарватҳои миллӣ ва неъматҳои моддӣ буда, ҳифз ва муаррифии шоистаи он шарти муҳими рушди оянда кишвар, аз ҷумла барои ҷалби сайёҳону сармоягузорон мебошад".

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон" маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.



Ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ҳамчунин тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ба қонунҳо "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" ва "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" пешниҳод карда шуд.

Барномаи миллии бехатарии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 тасдиқ гардид.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ва ноҳияи Ҳисор барои ба аҳолии ниёзманд тақсим кардани қитъаҳои наздиҳавлигӣ замин ҷудо карда шуд.

Дар фароварди маҷлис доир ба вусъат додани киштукори баҳорӣ ва истифодаи босамари заминҳои корам, ба кор даровардани пойгоҳҳои барқии обкашӣ, омодагӣ ба даъвати баҳории ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, пурзӯр намудани назорат аз болои сифати татбиқи лоиҳаҳои давлатии инвеститсионӣ, ба низом даровардани истифодабарии роҳҳои мошингард, хусусан роҳҳои навсозишуда, афзун намудани истеҳсолоти саноатӣ, назорати қурби пули миллӣ ва пешгирӣ аз сӯиистифода ва қаллобиҳо дар ин самт, тайёрии ҷиддӣ барои бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиии баҳорӣ ба мисли селу жола, обхезӣ ва ярчу сангрезиш супоришҳои мушаххас дода шуд.

## БАРҚИЯИ ТАБРИКОТӢ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов барқияи табрикӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла омадааст:**

**"МУҲТАРАМ ИСЛОМ АБДУҒАНИЕВИЧ,**

***Табрикоти самимии маро ба муносибати аз нав интихоб шуданатон ба мақоми олии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бипазиред.***

***Мо ин муждаро бо изҳори қаноатмандӣ қабул намудем. Аз нав интихоб шудани Шумо далели эътимоди воло ба хатти машйе мебошад, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо ба роҳ монда шудааст ва ба рушди ҳамаҷонибаи Ӯзбекистон, таҳкими иқтидори он ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми кишвар равона гардидааст.***

***Мо мутмаин бар онем, ки дар ин давра муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаврии Тоҷикистону Ӯзбекистон омили муҳими таъмини амният ва субот дар минтақа, ҷавобгӯи манфиатҳои бунёдии кишварҳо ва халқҳои мо гардида, бо намунаҳои нави ҳамкориҳои судманд ғанӣ мешаванд. Ҷониби Тоҷикистон азми комил дорад, ки ҳамроҳи Шумо барои анҷом додани ин кори хайр тамоми кӯшишҳои зарурири ба харҷ диҳад.***

***Муҳтарам Ислом Абдуғаниевич, иҷозат фармоед ба Шумо саломатии бардавом, умри бобаракат ва саодатмандӣ орзу намуда, дар ин мақоми пурмасъулияти Шумо-Сарварии Ӯзбекистони бародарӣ дар оянда комёбӣ ва дастовардҳои нав таманно намоям".***

## ИНТИХОБИ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

**30 марти соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 6 нафар аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъин намуд.**

***Ҳамин тариқ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуданд:***

- **Фарҳод Раҳимӣ** - Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Хайрулло Сафарзода** - директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи Нерӯгоҳи барқии обии Роғун;
- **Саодат Аминҷонова** - муовини сартабиб оид ба корҳои муолиҷавии беморхонаи клиникии шаҳрии №1, ба номи С.Урунови шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд;
- Меҳринисо Бобобекова - раиси бунёди байналмилалии Хубони порсигӯ;
- Мурзабай Ҷошбаев - раиси ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- **Абдурасул Насимов** - раиси ҷамоати деҳоти Фрунзеи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ.

Лозим ба ёдоварист, ки санаи 27 марти соли 2015 овоздиҳӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ низ дар тамоми ҳавзаҳои интихоботӣ муташаккилона баргузор гардида буд.

Вакилони интихобкунанда аз вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ дар ҷаласаҳои якҷояи ҳамаи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба тарафдории номзадҳои арзандаашон овоз доданд.

Комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ мутобиқи моддаи 51 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баъд аз ба охир расидани овоздиҳӣ натиҷаи пешакии овоздиҳиро ҷамъбаст намуданд.

Натиҷаи интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олиро Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ эълон намуд.

*www.president.tj*

Минбари халқ
1 апрели соли 2015,
№14 (993)



# МУЛОҚОТИ ФАТТОҲЗОДА БО САФИРИ ХИТОЙ

**Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Тоҷикистон ҷаноби Фан Сянжун ва кормандони дигари масъули сафоратро ба ҳузур пазируфта, оид ба масъалаҳои интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои он, вазъи сиёсию иҷтимоии минтақа ва ҷаҳон, робитаҳои густурдаи миёни Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Хитой табодули афкор намуданд.**

Ҷонибҳо таъкид доштанд, ки ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя ва бо ҳам дӯст сол то сол равнақи тоза пайдо карда истодааст. Мавқеи онҳо дар масъалаҳои муҳими сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳам мувофиқ меоянд ва ҳамдигарро пайваста тарафдорӣ мекунанд.

Нақши роҳбарони ҳар ду давлат дар амри равнақи муносибатҳои дӯстонаи байни кишварҳо ва халқҳо хеле бузург мебошад. Бо кӯшиши мақомоти ҳар ду мамлакат алоқаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ инкишоф ёфта имкон дода истодааст, ки корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ муҳайё гардад. Аз ҷумла лоиҳаи 6 миллиард долларӣ, ки миёни Тоҷикистону Хитой барои се соли оянда ба имзо расидааст, ҷиҳати рушди иктисоди Тоҷикистон ва таҳкими дӯстии халқҳо беш аз пеш мусоидат мекунад.

Сафири кабири ҶХХ ҷаноби Фан Сянжун натиҷаҳои интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мусбат арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки пирӯзии ҲХДТ нишонаи он аст, ки бо роҳандозии фаъолияти вусъатбораш дар маъракаҳои сиёсӣ дар миёни мардум соҳибнуфуз гаштааст.



Муовини якуми Раиси ҲХДТ С. Фаттоҳзода ба дипломати хитой барои табрикоти ҷониби Хитой нисбати пирӯзии ҲХДТ дар интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, зикр кард, ки пешсафии ҳизби мо натиҷаи пешниҳод кардани барномаҳои созанда барои рушди Тоҷикистон ва нақши боризаш дар таҳкими сулҳу ваҳдат мебошад.

Суҳбат дар фазои самимӣ гузашт.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

# ЁРӢ БА ЭҲТИЁҶМАНДОН

**Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат анъанаи хубу шоистаи аёдат ва кӯмак расондан ба эҳтиёҷмандонро идома дода, дар рӯзҳои ҷашни муборaки Наврӯзи хуҷастапай аз аҳволи ниёзмандону собиқадорони меҳнат хабар гирифта, ба онҳо ёрии моддӣ расонданд.**

Чуноне ки раиси комиҷроияи ҳизб дар шаҳри Ваҳдат Раҷабмурод Ҷалилов иттилоъ дод, ташкилоти ҳизбии онҳо тибқи дастури Дастгоҳи КИМ ҲХДТ дар остонаи ҷашну идҳо назар ба имкониятҳояшон ба оилаҳои камбизоат ва шахсони эҳтиёҷманд кӯмаки ғизоӣ мерасонанд. Аз ҷумла, ба истиқболи Наврӯзи аҷам ба 10 нафар ниёзмандон як халтаӣ орд, 5 килоӣ шакар, 5 килоӣ равған ва 2 килоӣ чой ёрдам карданд.

Дар посухи ин мусоидатҳо ниёзмандон ба мақомоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, шукронаи онро карданд, ки дар як кишвари ободу осуда ва дар фазои сулҳу субот зиндагонӣ доранд.

-Мо рӯйхати ҳамаи ниёзмандон ва собиқадоронро муштаракан бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия намуда, вобаста ба шароиту имконияте, ки дорем, бо навбат ба онҳо мадад мерасонем, -мегӯяд раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат Р. Ҷалилов.

**У. СОЛЕҲ,** *сухангӯи ҲХДТ*

# МАРКАЗИ НАВИ ОМӮЗИШӢ



Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва дастуру супоришҳои Сарвари давлат дар мулоқот бо бонувони кишвар бахшида ба Рӯзи Модар баҳри ҷалби бештари ҷавондухтарон ба таҳсил ва касбомӯзӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ рӯзи 31 марти соли равон бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Марказии Ҳизбии Халқии Демократии Тоҷикистон ва дастгирии сафоратхонаи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон боз як маркази дӯзандагии омӯзишӣ дар литсейи касбии дӯзандагии шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид. Дар маросими расмии кушодашавии маркази мазкур Раъно Маҳмудзода, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, хонум Чжао Сянжун, мушовири сафири Ҷумҳурии мардумии Чин дар Тоҷикистон, Меҳринисо Бобобекова, шоира, узви Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Фирӯза Шарифӣ, мудири шуъбаи кор бо занони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар рафти ифтитоҳи марказ аз ҷониби донишҷӯён чорабинии фарҳангии Наврӯзӣ пешкаш карда шуд.

Мавриди тазаккур аст, ин севумин маркази омузишӣ-истеҳсолии дӯзандагӣ мебошад, ки дар доираи ҳамкориҳои судманди байналмилалии ҳизб таъсис дода мешавад. Ҳамчунин рӯзҳои наздик ифтитоҳи чунин маркази омӯзишӣ - истеҳсолӣ барои бонувони хонашин дар маҳаллаи Бӯстон -1 - и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар назар аст.

**М.МАҲМУДОВ**

# ДАР 38 ҲАВЗАИ ШАҲРИНАВ АЪЗОИ ҲХДТ ВАКИЛ ИНТИХОБ ШУД




Дар Конференсияи XVI- уми ғайринавбатии Кумитаи Иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳринав натиҷаҳои маъракаи интихобот мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Раиси Кумитаи Иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия Абдуҷаббор Сатторов оид ба натиҷаҳои ин маъракаи муҳими сиёсӣ ахборот дода зикр намуд, ки интихоботи соли ҷорӣ барои аъзои ҳизби мо василаи муҳим арзёбӣ карда мешавад. Рақобати солим бо намояндагони дигар азҳоби сиёсӣ ва ғалабаи комили намояндагони ҲХДТ дар интихобот натиҷаи фаъолияти густурдаи ташкилотҳои ҳизбӣ ва маҳбубияти ин нерӯи сиёсӣ дар миёни ҷомеа аст. Намояндаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Мусалам Қодирова бо касби 79,1 фоизи овозҳо аз байни се рақиб пирӯз гашта, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Дар 38 ҳавзаи интихоботии интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 38 аъзои ҳизб вакилони халқ интихоб гардиданд. Аз шумораи умумии вакилон 37 нафар дорои маълумоти олӣ буда, 7 нафар зан ба унвони вакилӣ мушарраф гардиданд. Дар 166 ҳавзаи якмандатии интихоботи вакилони мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот бошад, 139 аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вакил интихоб шуданд, ки 84 фоизи умумии вакилони навинтихобгардидаро ташкил медиҳанд.

Иштироки васеи мардуми ноҳия дар интихобот аз сатҳи баланди ҳисси масъулиятшиносии онҳо ва ҳамчунин аз ҷонибдориашон аз сиёсати кунунии Президенти мамлакат, роҳбари ҳизбамон гувоҳӣ медиҳад.

Дар чорабинӣ аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, директори театри халқии ноҳия Убайдулло Кароматов ва сардори шуъбаи дар ноҳия фаъолияткунандаи ҶСК "Агроинвестбонк" Зоирҷон Қурбонов дар ҳавзаҳои интихоботии рақамҳои 22,23, ки интихоботи такрорӣ гузаронида мешавад, номзад пешбарӣ шуданд.

Дар фарҷом фаъолони ҳизбӣ ба мукофотҳои таъсисдодаи Кумитаи Иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

**М.МАҲМУДОВ**

# ДУШАНБЕ - МИЗБОНИ ҶАЛАСАИ СААД

**2 апрели соли 2015 дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷидин Аслов Ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ баргузор мегардад.**

Абдулфайз Атоев, сардори раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати умури хориҷаи Тоҷикистон дар остонаи баргузории ин нишаст ба хабарнигорон гуфт: - Дар ин ҷаласа вазирони корҳои хориҷии Арманистон Эдвард Налбандян, Белорус Владимир Макей, Қазоқистон Ерлан Идрисов ва Русия Сергей Лавров иштирок хоҳанд намуд.

Вай дар ин нишаст, ки бо ҳузури кормандони ВАО-и Тоҷикистон ва хабарнигорони расонаҳои хориҷӣ сурат гирифт афзуд: - Мақомоти вазоратҳои корҳои хориҷӣ дар ин ҷаласа масъалаҳои муосири сиёсати байналмилалӣ ва тарҳҳои вобаста ба иқдомот ҷиҳати пешгирии хатар ва чолишҳои муосир дар маҳдудаи шомили ин созмонро баррасӣ мекунанд.

Ба гуфтаи ин мақоми расмии вазорат, барои иштирок дар Ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СААД Намояндаи амалкунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷии Сербия Ивича Дачич, Роҳбари Маркази минтақавии СММ доир ба дипломатияи боздоранда дар Осиёи Марказӣ Мирослав Енча ва Директори Маркази САҲА доир ба пешгирии низоъҳо Адам Коберацкий низ даъват шудаанд.

Шӯрои вазирони мудофиа, Кумитаи дабирони Шӯрои амният ва нишасти дигар ниҳодҳои корӣ он низ дар шаҳри Душанбе баргузор мегарданд.

Сардори раёсати Вазорати умури хориҷаи Тоҷикистон дар ин робита гуфт, ки "Нақшаи чорабиниҳо доир ба татбиқи қарорҳои иҷлосияи декабрии соли 2014-и Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва авлавиятҳои аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳодшуда дар давраи раёсати Тоҷикистон" аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки раиси давраии Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ мебошад, тасдиқ гардидааст.

Вай қайд кард: - Тоҷикистон ба масъалаҳои иштироки худ дар фаъолияти СААД аҳамияти афзалиятнок медиҳад. Ҳамкорӣ дар доираи ин Созмон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии кишвармон буда ва он имкон медиҳад, ки бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва умуман ба хотири таъмини амният ва субот дар тамоми минтақаи Аврупо ва Осиё ва инчунин ҳимояи тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзо фаъолона тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ӯ инчунин гуфт: -Тоҷикистон манфиатдори он аст, ки СААД дар амал ба омили муҳими таъмини амнияти ҷаҳонию минтақавӣ табдил шавад.

Дар ин нишаст зикр гардид, ки Тоҷикистон масъалаҳои фаъол намудани раванди ҳамгароии ҳарбию сиёсии давлатҳои аъзо ва ҳамоҳангсозии иқтидори онҳо, такмили соҳаи сиёсати ҳарбӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳарбию техникии давлатҳои аъзоро вазифаҳои наздиктарин ва муҳимтарини Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ меҳисобад.

Ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои СААД якрӯза буда, бо изҳороти матбуотии ширкаткунандагон поён меёбад.



Вай қайд кард, ки инчунин дар рӯзномаи Ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷаи СААД тасдиқи Нақшаи машварати намояндагони давлатҳои аъзои СААД дар ҷодаи сиёсати хориҷӣ, амният ва мудофиа дар нимаи дуюми соли 2015 ва нимаи аввали соли 2016 ба нақша гирифта шудааст.

Раёсати Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ даврӣ буда, имсол Тоҷикистон раёсати онро бар уҳда дорад.

Соли ҷорӣ ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ ва нишасти ниҳодҳои ойинномавии СААД - Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ,

## СААД ЧӢ ГУНА СОЗМОН АСТ?

**Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ созмони ҳарбию сиёсӣ буда, 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд дар нишасти сарони кишварҳои Арманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба шароити муосири геополитикӣ мутобиқ кардани ин Аҳднома ва имкониятҳои воқеии истифодаи нерӯ ва воситаҳои дигари дифои дастаҷамъӣ таъсис дода шудааст. Пас аз як соли мавҷудият яъне дар соли 1993 Озарбойҷон, Гурҷистон ва Белорус ба ин созмон ҳамроҳ шуда, аммо дар солҳои баъдӣ бархе аз кишварҳои узв аз ҷумла Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Украина узвияти худро дар ин Аҳднома қатъ карданд.**

**14 майи соли 2002 Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ табдил дода шуд. Оинномаи СААД-ро Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ 7 октябри соли 2002 дар ш.Кишинев ба имзо расонид ва ин ҳуҷҷат 18 сентябри соли 2003 эътибор пайдо кард.**

**Дар ҳоли ҳозир шаш кишвар Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ин созмон мебошанд.**

**С.НИЁКОНӢ**

АХБОРИ ҲИЗБӢ

## МУҲОКИМАИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҲХДТ




**САНАИ** 30 марти соли равон дар маҷлисгоҳи Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Комиссияи Марказии тафтишотии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Ҳусейн Ализода ҷаласаи кории комиссия баргузор гардид. Дар кори ҷаласа аъзои комиссияи марказии тафтишотии ҳизб ҳузур доштанд. Дар ҷаласа сараввал лоиҳаи Нақшаи кории Комиссияи марказии тафтишотии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои соли 2015 мавриди баррасии ҳамаҷонибаи аъзои комиссия қарор гирифт. Сипас ҳозирин самтҳои асосии фаъолияти молиявии ташкилотҳои ҲХДТ- ро муҳокима карданд ва барои боз ҳам тақвият бахшидан ба вазъи моддию молиявии ташкилотҳои ҳизбӣ чанд дастуру пешниҳодоти судмандро пазируфтанд.

Ёдовар мешавем, ин ҷаласаи сеюми Комиссияи марказии тафтишотии ҳизб мебошад, ки баъди Анҷумани 12 ҲХДТ дар ҳайати нав барои панҷ сол интихоб гардидааст ва фаъолияташро барои назорати буҷаи ҳизб, назорати молиявии ташкилотҳои ҳизбӣ дар асоси Оинномаи ҲХДТ ва Низомномаҳои дахлдор ба роҳ мондааст.

## ОЗМУНИ «ХУШДОМАНИ БЕҲТАРИН»

**ЁВОН.** ***Дар доираи амалӣ гардидани Фармони Президенти кишвар, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3 феврали соли 2015, таҳти № 352 "Дар бораи соли оила эълон гардидани соли 2015" комиссияи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон омодагиҳои ҳаматарафа дида, нақша чорабинии алоҳида тарҳрезӣ намудааст ва тибқи он дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, ташкилоту муассисаҳо силсилаи чорабиниҳо гузаронида шуданд.***

**ЧАНДЕ** пеш комиссияи номбурда дар ҳамбастагӣ бо шуъбаи кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" озмуни ноҳиявии "Хушдомани беҳтарин" ва "Арӯси оянда"-ро доир намуданд.

Тибқи Низомнома дар ин озмун хушдоманҳои беҳтарин, ки дар даври аввали озмун дар маҳаллаҳо ва деҳаҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ғолиб дониста шуда буданд, иштирок намуданд.

Ҳакамони озмун хушдоманҳои беҳтарин, истиқоматкунандаи ҷамоати деҳоти ба номи Ҳ.Ҳусейнов Мамлакат Мардонова, сокини ҷамоати деҳоти бо номи Г.Юсуфова Бибихол Тиллоева, сокини ҷамоати деҳоти Даҳана Нишоной Баротова, истиқоматкунандаи ҷамоати шаҳраки Ёвон Чинихол Шарифова, сокини ҷамоати деҳоти Чоргул Мавлуда Ташрифова ва аз ҷамоати деҳоти Норин Мавлуда Субҳонқуловаро, ки соҳиби аз се то шаш келин буда, ҳамагон оилаи намунавию дар тарбияи фарзанд ва муносибати оиладорӣ намунаи ибратанд "Хушдомани беҳтарин" эълон намуд.

Ҳамзамон дар озмуни дигаре, ки бо ташаббуси комиссияи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия баргузор гардид, ин озмун "Арӯси оянда" номгузорӣ карда шуда, дар он 25 нафар ҷавондухтарон аз муассисаҳои таълимӣ, литсейҳои касбӣ- техникӣ ва Коллеҷи тиббии ноҳия иштирок карданд.

Натиҷаи озмун нишон дод, ки Шаҳноза Қулова аз ҷамоати шаҳраки Ёвон, Ёсумани Ҷаббор донишҷӯи Коллеҷи тиббӣ, Парвина Ҳасанова, тарбиятгирандаи мактаб -интернати ноҳия ва Маҳина Сафархолова, хонандаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №45 ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Дар анҷоми озмун узви раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия, муовини раиси ноҳия Зумрат Бобошоева, роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" Саёҳат Абдуллоева ва раиси комиссияи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ноҳия Гулрухсор Саидова ба ғолибон туҳфаҳои хотиравӣ, диплому ифтихорномаҳои таъсисдодаро супориданд.

**Ҷовид ФАЙЗАЛИЕВ,**
*мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон*

# ИСФАРА - ШАҲРЕ БО ИМКОНИЯТҲОИ БУЗУРГ

**Исфара - яке аз минтақаҳои калони саноатӣ ва соҳаи кишоварзиаш пешрафта, ҳамзамон яке аз шаҳрҳои куҳанбунёду бостонӣ, табиатан зебо ва хушманзари Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Суҳбати мо бо раиси шаҳр Зоҳидзода Даврони Абдуқодир пиромуни вазъи имрӯзаи иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии шаҳр, имкониятҳо ва дурнамои рушди он сурат гирифт.**

**- Муҳтарам Даврони Абдуқодир, ба ҳайси шаҳрдор, Исфараро чигуна муаррифӣ мекунед?**

- Шояд... як шаҳри куҳанбунёду тозаҷавон.

Чаро куҳанбунёд? Аз он хотир, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ ва маъхазҳои боэътимоди илмӣ мисли асарҳои олимони маъруфи рус Б.А. Литвинский ва Е.А. Давидович ""Очерки бостоншиносии ноҳияи Исфара", "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ва ғайра Исфара як аз шаҳрҳои қадимӣ ва дорои фарҳангу анаънаи ғанӣ ёд шудааст ва бозёфтҳои осори қадимӣ ба таври рӯшан собит кардаанд, ки ин шаҳр воқеан ҳам таърихи беш аз 3000-сола дорад.

Ҷавон аз он ҷиҳат аст, ки солҳои охир, бахусус дар давраи истиқлолият бо тарзу услуби меъмории муосир, иншооти замонавӣ намуди зебову назаррабое пайдо намудааст.

Шаҳри Исфара иборат аз 9 ҷамоати деҳот ва 3 ҷамоати шаҳрак буда, 252 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. Дорои захираҳои ғании канданиҳои фоиданок, иқлими муосид ва заминҳои ҳосилхез, макони меваҳои шаҳдбор, водии хушманзар, осоишгоҳи маъруф аст. Аз ҳама муҳимаш шаҳрест дорои имкониятҳои бузург ҷиҳати ҳамкории густурда.

**- Вазъи соҳаи саноатро дар шаҳри Исфара, ки дар даврони шӯравӣ ба ҳайси яке аз шаҳрҳои бузургии саноатии Тоҷикистон маъруфият дошт, имрӯз чигуна арзёбӣ мекунед?**

- Ҳарчанд, ки истихроҷу коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатие чун оҳан, нуқра, сурб (қӯрғошим), ангишт ва ҳатто оина дар Исфара таърихи чандинасра дорад, ба ҳайси яке аз минтақаҳои калони саноатӣ ташаккул ёфтани ин шаҳр асосан ба солҳои 70-80-уми асри гузашта, ба даврони шӯравӣ иртиботи амиқ дошт.

Бунёди корхонаҳои бузурги саноатии кимиё, металлургӣ, ангишт, консервбарорӣ, спиртбарорӣ, механикӣ, чароғ, рангбарорӣ ва амсоли ин барои рушди соҳаи саноат ва ҳам ҷиҳати ташаккули шаҳрсозӣ заминаи боэътимод фароҳам сохтанд.

Табиист, ки ба иллати завол ёфтани Иттиҳоди Шӯравӣ ва сиёсати занҷирпайванд (ҳалқапайванд)-и истеҳсолоти замони шӯравӣ, ки ашёи хом дар як ҷумҳурӣ истеҳсол ва коркарди он дар ҷумҳурии дигар роҳандозӣ гардидаву вобастагии раванди истеҳсолиро миёни корхонаҳои азими саноатии ҷумҳуриҳои собиқ умумииттифоқӣ эҷод карда буд, баъд аз солҳои навадум мушкилоте чун коҳиши ҳаҷми истеҳсолот ва пастравии соҳаи саноатро ба вуҷуд овард.

Бо дарназардошти он, ки Исфара яке аз ноҳияҳои асосии саноатии кишвар мебошад, инчунин бо дарки амиқи мақоми саноат дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат Ҳукумати Тоҷикистон дар шахсияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали истиқлолият ба фаъолияти мунтазами корхонаҳои саноатии кишвар, аз ҷумла корхонаҳои саноатии шаҳри Исфара таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати эҳё, тараққӣ додан ва дигаргунсозии истеҳсолоти ватанӣ пайваста чораҷӯӣ намуда истодааст.

Дар натиҷа, аз соли 2001 инҷониб суръати пастравии истеҳсолоти саноатии шаҳр боздошта шуда, ҳамзамон бо воридсозии таҷҳизоти технологии муосир ва дар заминаи иқтидорҳои мавҷудаи ҶШСК "Корхонаи кимиё" якчанд истеҳсолоти нав ба роҳ монда шуд, дар ҶСШК "Тамохуш-ИГМЗ" хатти истеҳсоли маҳсулоти пурқимати саноатии молибден, никел, хатти коркарди ваннадий, инчунин руҳ, сурб ва сурма барқарор гардид, дар ҶСШК "Ангишт" технологияи коркарди брикет аз хокаи ангишт ва дар заминаи ҶСШК "Чароғ" истеҳсоли чароғҳои каммасрафи "Ориённур" бо тарҳу намудҳои гуногун ташкил карда шуд. Ғайр аз корхонаҳои мавҷуда боз 12 корхонаи коркарди меваю сабзавот, 2 корхонаи консервабарорӣ, корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва 2 корхонаи истеҳсоли семент ба фаъолият оғоз намуданд.

Илова бар ин, дар заминаи собиқ корхонаи истеҳсоли нафту газ Корхонаи муштараки Тоҷикистону Австрия - ҶДМММ "Петролеум Суғд" таъсис ёфтааст, ки ҷиҳати афзун намудани ҳаҷми истихроҷу коркарди нафту газ ва таъмини ҳарчи бештари талаботи иқтисодии кишвар бо сӯзишвории ватанӣ саҳмгузор аст.

Дар маҷмӯъ, агар дар соли 1990 дар шаҳри Исфара 17 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони истиқлолият 33 корхонаи нави хурду калони хусусӣ сохта шудаанд ва шумори умумии корхонаҳои истеҳсолӣ алҳол ба 50 адад расидааст.

Имсол, дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои чинӣ дар шаҳр бунёди корхонаи нави муштараки сементбарорӣ бо иқтидори 1 миллион тонна оғоз мегардад.

Умуман, имкониятҳои рушди соҳаи саноат дар Исфара зиёд аст.

**- Боғдорӣ яке аз самтҳои муҳимтарини соҳаи кишоварзӣ дар шаҳри Исфара маҳсуб меёбад...**

- Бале, тавре дар оғози сухан зикр намудам, аз қадимулайём Исфара чун макони меваҳои шаҳдбор шуҳратёр гаштааст ва мардумаш ба боғу боғпарварӣ меҳру муҳаббати беандоза доранд. Аз ин ҷост, ки баҳори соли гузашта низ боғдорони мо аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва барои кишти зироатҳо номувофиқ 242 гектар боғи нави дарахтони мевадиҳанда бунёд намуданд.

Алҳол масоҳати умумии боғоти ноҳия ба 9 ҳазор гектар доман паҳн кардааст, ки бештар аз 90 фоизи онро зардолузор ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки таъму лаззати зардолуи Исфара шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Овардаанд, ки беш аз даҳ фоизи зардолузори ҷаҳон дар Тоҷикистон (асосан дар шимоли мамлакат) парвариш меёбад. Боғоти беҳтарини зардолу дар Исфара буда ва бино ба гуфтаи мутахассисон дар ҳудуди шаҳру деҳоти Исфара қариб 70 навъи зардолу нашъунамо дорад.

Бояд қайд намоям, ки мардуми Исфара дар хушк кардани меваи зардолу таҷрибаи ғании аҷдодӣ доранд. Меваи хушки зардолу ранг, бӯй, шира ва таъми табиии худро маҳфуз медорад, ки метавон солҳои зиёд нигаҳдорӣ кард. Дар бисёр манотиқи олам ин неъмати табиат барои муолиҷаи бемориву дардҳо аҳамияти фаровон дорад. Ин аст, ки зардолуи хушк барои Исфара маҳсулоти муҳими содиротӣ ҳисоб шуда, қисми зиёди он ба хориҷи кишвар ба фурӯш меравад.

**- Яъне, дар кишвар, нахуст дар шаҳри Исфара бунёд гардидани аввалин корхонаҳои коркарди меваи хушк бо технологияи нав ҳамин имкониятро фароҳам овард?**

- Айнан ҳамин тавр. Агар соли 2014 аз шаҳри Исфара зиёда аз 55 ҳазор тонна меваи хушк ба хориҷи мамлакат содир гардида бошад, беш аз 20 ҳазор тоннаи он коркард ва банду баст гардида, баъдан ба хориҷа интиқол дода шудааст.

Аз ҷумла, аз ҷониби корхонаи муштараки "Баракат-Исфара", ки бо сармоягузории соҳибкорони русу тоҷик таъсис дода шудааст, инчунин, корхонаҳои "Исфарафуд", "Неъматҳои Исфара", "Исфагрупп", "Таджфрукт", "Қадр", "Саодат" ва ғайра зиёда аз 20-25 намуди маҳсулоти меваи хушкро мутобиқ ба стандартҳои давлатии ҷаҳони муосир босифат коркард ва бо истифода аз технологияҳои нав банду баст намуда, маҳсулоти тайёрро дар қуттиҳои андозаашон гуногун ва барои ҳамлу нақл мувофиқ ба ҷумҳуриҳои Русия, Белоруссия, Қазоқистон ва давлатҳои дигар ба фурӯш мебаранд.

**- Чун сухан аз бахши соҳибкорӣ рафт, бигӯед, ки ҳамкории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо бахши хусусӣ дар кадом сатҳ аст ва то имрӯз чӣ натиҷаҳое ба бор овард?**

- Рушди соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории хурду миёна ва истеҳсолӣ айни замон омили асосии рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр аст. Аз ин ҷост, ки ҳамкории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо бахши хусусӣ пайваста вусъат меёбад.

Соли гузашта мо бунёди 55 иншооти муҳими истеҳсолию иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва савдоро анҷом додем, ки наздик 80%-и онҳо натиҷаи дастгирии соҳибкорӣ ва ҳамкории судманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо бахши хусусӣ мебошад.

Роҳандозии сохтмони корхонаҳои пойафзолдӯзӣ, қолинбофӣ, якчанд корхонаҳои дӯзандагӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди гармхонаи муосир бо технологияи голландӣ, 5 бинои шашошёнаи истиқоматӣ, маркази замонавии диагностикӣ, ки дар қаламрави вилояти Суғд дуввумин аст, инчунин клиникаи хусусии бо таҷҳизоти муосири ташхисию табобатӣ муҷаҳҳазшаванда, меҳмонхонаи ҳозиразамон, типография, коргоҳи хушконашӯйӣ (химчистка)-и ҳозиразамон... - ин ҳама бо сармояи шахсӣ ва аз ҷониби соҳибкорон сохта шудаанд.

**- Дар Русия ва кишварҳои дигар теъдоди соҳибкорони муваффақе, ки зодаи Исфара ҳастанду метавонанд дар зодгоҳи хеш иншоотҳои хусусии худро бунёд намоянд, кам нест...**

- Мушкиле нест, агар соҳибкори ватанӣ хоҳиши сохтмони корхонаҳои истеҳсолию иншоотҳои иҷтимоӣ чун кӯдакистону мактабҳои хусусӣ, ки мо ба ин самтҳо афзалият муқаррар кардаем, дошта бошанд, бигзор биёянд ва ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр мурооҷиат намоянд, мо барои сохтмони иншоот қитъаи замини мувофиқро дар муҳлати камтарин бароияшон ҷудо менамоем, ҳамаҷониба дастгириашон мекунем.

Мо айни замон тасмим гирифтаем, ки дар ҳамаи 12 ҷамоати шаҳраку деҳоти Исфара корхонаҳои истеҳсолии қолинбофӣ ва атласбофӣ таъсис додаву бунёд намоем, ки ин намуди маҳсулот чи дар Тоҷикистон ва чи дар хориҷи кишвар басо серхаридоранд. Соҳибкорон имкони хубе доранд, ки дар ин ҷода тасмим бигиранд.

**- Ҳамзамон теъдоди муҳоҷирони меҳнатие, ки аслан сокини шаҳри Исфара ҳастанд, дар хориҷи Тоҷикистон, алалхусус дар шаҳру вилоятҳои Федератсияи Русия кам нестанд. Дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар Исфара чӣ иқдомоти муассир рӯйи кор меоянд.**

- Муҳоҷирати меҳнатӣ аслан як раванди пазируфташудаи иҷтимоӣ аст, ки натанҳо хоси шаҳрвандони собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дигар мамолики дунё, аз ҷумла Аврупо низ ҳаст.

Ҷойи баҳс нест, ки танзими муҳоҷирати меҳнатӣ нозукиҳои худро дорад ва ба куллӣ танзим намудани ин раванд кори саҳл нест.

Дар ҳар сурат, мо саъю кӯшиш бар он дорем, ки шаҳрвандони мо, ки азми муҳоҷирати меҳнатӣ доранд, пеш аз ҳама касбу ҳунарҳои ба талаботи бозори меҳнатӣ ҷавобгӯйро дар 3 маркази навтаъсиси таълимии калонсолон аз худ намоянд.

Дигар ин, ки мо дар 115 муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳру деҳоти Исфара барои омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ, алалхусус русӣ ва англисӣ тамоми шароити зарурӣро фароҳам овардаем, то ин ки он ҷавононе, ки дар оянда озими Русия мешаванд, забони русиро дар сатҳи кофӣ азхуд намоянд ва хуб донанду гуфтугӯ карда тавонанд.

Мо соли гузашта таҷдиди 5 хоҷагию ташкилотҳои калонҳаҷми соҳаи кишоварзиро анҷом додем, ки дар раванди он 12230 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва оилавии нав таъсис дода шуд, ки 14646 нафар саҳмдоронро фаро мегирад.



Зоҳидзода Даврони Абдуқодир,
*раиси шаҳри Исфара*

Амалигашти иқдомот дар ин самт собит намуд, ки соҳиби замин гаштани саҳмдорону деҳқонони асил натанҳо омили пешрафти соҳа, балки заминаи созгори ташкили ҷойҳои нави кори доимӣ дар маҳалҳо ва ба ин васила кам шудани шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷи кишвар сафаркунанда, ҳамзамон омили муҳими беҳдошти сатҳи накӯаҳволии мардуми кишоварз мебошад.

Инчунин, дар дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ низ ҷойҳои иловагии корӣ таъсис дода шуданд.

**- Боз кадом омилҳои муҳиме ҳастанд, ки рушди воқеии иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфараро такони тоза бахшанд?**

- Аз ҳама муҳимтарин омил ин қабул ва таъмини амалигашти "Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017" аст, ки дар асоси таҳлили амиқи равандҳои ҷойдоштаи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти шаҳр таҳия гардида, бо дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ёфтааст. Ин санади давлатӣ заминаи боэътимодест, ки ба рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, пешрафти ҷомеа, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, нигоҳдории муҳити мусоиди зист ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум нигаронида шудааст.

Ба Барнома 338 лоиҳа ворид гардида, маблағи умумии он 1 млрд. 480,6 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ба қарибӣ мо ба мавзеи тозабунёди Моҳпарӣ, ки дар оянда он ҷо зиёда аз 5500 оилаи ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷманд маскун карда, дар ин замина бунёди 2 шаҳраки нави замонавӣ ба нақша гирифта шудааст, аз ҳисоби маблағҳои буҷети вилояти Суғд ба маблағи умумии 5 миллион сомонӣ хати оби тозаи нӯшокӣ кашидем, ки дарозии он наздики 12 километр аст.

Иншооти хати оби нӯшокии "Навобод-Сомониён-Моҳпарӣ" аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад, зеро бо шарофати ба истифода дода шудани он натанҳо сокинони мавзеи Моҳпарӣ, балки сокинони якчанд маҳаллаҳои нави аҳолинишин, инчунин маҳаллаи Сомониён, дар маҷмӯъ зиёда аз 12 ҳазор хонавода ва 60 ҳазор аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда мешаванд.

Мувофиқи лоиҳаҳои тарҳрезигашта дарояндаи наздик дар мавзеи Моҳпарӣ, аз ҳисоби заминҳои бекорхобида боз 2000 гектар боғи нави зардолу бунёд карда хоҳад шуд.

**- Барои суҳбат ташаккур.**

*Суҳбатнигор* **Бахтиёр ҲАМДАМ**

**Минбари халқ**
**1 апрели соли** 2015,
**№**14 (993)

Мулоҳиза

# ГУМРОҲӢ БА СУРИЯ МЕБАРАД

**Чанд соли охир дар кишвари мо ба инкишофу равандҳои ислом бештар таваҷҷуҳ дода мешавад. Чуноне ки аз расонаҳои хабарӣ бармеояд, сохтмони масҷидҳои замонавӣ, нашри китобҳои динӣ, мақолаҳои илмиву оммавӣ, филмҳову барномаҳои телевизионӣ роҷеъ ба мавзӯъҳои ислом ва ҷаҳони имрӯза хеле зиёд шудаанд.**

**ВАЛЕ** мутаассифона аксарияти нигоштаҳо дар бораи "исломи сиёсӣ" ва терроризм, экстремизм ва ба сафи ДИИШ (Давлати исломии Ироқу Шом) пайвастани иддае аз ҷавонони тоҷик маълумот пешниҳод намуда, вале муаллифону таърихнигорон оиди сабабҳои ба миён омадани терроризм, экстремизм, тундгароӣ ва оқибатҳои офатбори он ва роҳҳои халосӣ аз ин вабои аср камтар изҳори назар мекунанд. Дар айни ҳол дар ин навиштаҳо воқеаҳои фоҷиабори ба сари инсоният омадаро ба ҳаракату ҳизбҳои рӯҳияи исломӣ дошта бештар нисбат медиҳанд, ки аксаран асос доранд. Воқеаҳои фоҷиабори рӯзҳои охир дар Покистону Ироқ, Сурия ва бархе аз кишварҳои дигар сокинони сайёраро ба андешаву нигаронӣ мувоҷеҳ кардааст. Куштори 144 нафар аз ҷониби "Толибон", ки теъдоди зиёди онҳоро кӯдакон ташкил медоданд ва қатли 150 тан занону духтарон дар Ироқ аз дасти террористон исботи оштинопазирии гурӯҳҳои мусаллаҳи ифротгарои ба ном "исломӣ" бори дигар мавзеъ ва мақсади худашонро ба оламиён нишон доданд.

Гурӯҳҳои экстремистӣ барои расидан ба мақсадҳои нопоки сиёсии худ ба амалҳои бешарафона даст зада, аз қатли кӯдакон ва занони бепаноҳ рӯй намегардонанд.Дар зери шиорҳои "ҷиҳоду ғазовот" мехоҳанд ин "бемории бедаво"-ро ба кишварҳои дуру ҳамсоя таҳмил созанд .Бо ин кирдорҳои носолим, дунёро дар гирдоби тарсу даҳшатҳои тасаввурнопазир мехоҳанд нигоҳ доранд ва бо ин васила мавқеи сиёсии худро мустаҳкам намуда, соҳиби иқтидори иқтисодӣ гарданд.

Рафтори разилонаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша, барои бархе аз ҷавонони тоҷик, ки бо гумроҳӣ ба ҳаракату гурӯҳҳои ифротгарову ситезаҷӯ, бахусус дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳи ба ном исломии Ироқу Сурия шомил шудаанд, бояд сабақи зиндагӣ гардад.Ҷавонони раҳгумзадаву тираақл, бояд дарк намоянд, ки гурӯҳҳои манфиатҷӯ, аз касодии нерӯву зеҳни онҳо истифода намуда истодаанд.

Ин қувваҳо ҷавононро, ки на аз таълимоти ислом бохабаранду на аз сиёсати кишварҳои манфиатхоҳ, ба ҳар роҳу восита бо баҳонаи "ҷиҳод" ба вартаи ҳалокат кашида масъалаҳои пасипардагии худро ҳал менамоянд.

Имрӯз нерӯҳои муддаоии Давлати исломӣ манбаъ ва аслан макони терроризми ҷаҳонӣ ва барангезандаи хавфу хатари навбатӣ барои тамоми инсониятро эҷод кардаанд.

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳеҷ кадом аъмоли террористӣ новобаста аз шаклу мавқеъ ва ҳадафҳояш ба таври қотеъ наметавонад, қобили қабули шаҳрвандон гардад. Терроризм наметавонад ба ҳайси талош барои ҷангҳои озодихоҳӣ эътироф шавад, гарчанде ҷанг низ ҳамчун мафҳуми зӯроварӣ мақбули қабули ҳамагон нест ва он кирдори манфур ва ғайри инсонӣ ҳисоб ёфтааст.

Вақти он аст, ки мо бо тамоми масъулият дар бораи зиёдшавии теъдоди ҷавонон, аз ҳисоби ҳамватанон ба ДИИШ, то чи андоза фалокатбор будани ҳаракатҳои "Толибон" ва ё "Ал- қоида" бонги хатар занем.

Чуноне ки аз расонаҳои хабарӣ бармеояд, ДИИШ ё Давлати исломӣ акнун ба яке аз доротарин ташкилотҳои ҷаҳон табдил шуда, он молик ба шабакаҳои тавонои таблиғотӣ аст. Он фақат аз ҳисоби қочоқи нафт дар як рӯз зиёда аз 2,5 миллион доллар даромад ба даст меорад. Даромади солонаи ДИИШ ба ҳисоби миёна баробари 1 млрд. доллар буда, пайваста дар афзоиш аст.Ишғолгарон ҳоло аз 18 музофоти Ироқ дар 8-тои он ҳукмронӣ намуда, дар Сурия, Урдун ва Лубнон артишҳои мусаллаҳ ва фаъол эҷод кардаанд.

Чанде пеш Александр Бортников, роҳбари ФСБ (Хадамоти амнияти федеролӣ)-и Русия дар яке аз нишастҳои роҳбарони ниҳодҳои амнияти Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баён кард, ки ин кишварҳо ба як ҳадафи муносиб ва осон барои террористони байналмилалӣ табдил меёбанд, чунки дар сафҳои ин гурӯҳҳои пинҳонкори ҷаҳонӣ зодагони кишварҳои посошӯравӣ низ меҷанганд. Ҳоло вазъи басуръати фавқулодда хатарнок дар Ховари Миёна ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо як навъ "интернатсионал"-и террористие дар заминаи созмони "Давлати исломӣ" ташаккул меёбад. Аъзои он дар Ироқу Сурия "таҷриба"-и ҷангӣ омӯхта баъдан, ба ҳайси мураббиён, истихдомгарон, воизон ва мутахассисони таъсиси шабакаҳои пинҳонкори роҳзане, ки бо "сохтори асосгузор"-и худ робитаи наздикро ҳифз мекунад, ба зодгоҳи худ бармегарданд. Онҳо метавонанд тарҳҳои харобкори "Давлати исломӣ"-ро бо истифода аз таҷрибаи ҷунбиши "Толибон" ва гурӯҳҳои дигари марбут ба он дар Афғонистон, Покистон фаъол ҳастанд, дар кишварҳои ИДМ ба кор бурда ба амнияти ин минтақа таҳдид кунанд.

Имрӯз барои ҳамагон пинҳон нест, ки танҳо аз манотиқи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон зиёда аз 45 ҷавон барои иштирок дар ин нуқтаҳои даргири террористӣ эъзом шуда, ки аз онҳо дар рафти задухӯрдҳои бемаънӣ 4 нафар ҷони худро аз даст додаанд. Ба муқобили 13 нафар ҷавонон, ки аз нофаҳмию соддалавҳӣ ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил шудаанд, парвандаҳои ҷиноятӣ таҳти моддаи 401 Кодекси ҷинояти ҶТ кушода шудааст.

Шомилшавии ҷавонони тоҷик ба сафи ДИИШ аз нуқтаи назари сиёсатшиносон дар муҳоҷирати меҳнатӣ, аз тариқи ширкатҳои сайёҳӣ донишҷӯёни Донишкадаи исломӣ ва тавассути сомонаҳои интернетӣ анҷом мегирад.

Бо баҳонаи муҳоҷирати меҳнатӣ, аслан дар Барномаи интиқоли муҳоҷирон дар Русия тарҳрезӣ шуда, ҷавонон ба давлатҳои Шарқи наздик аз он ҷумла Туркия, Миср, Ироқ, Сурия интиқол мешаванд.Дар аснои ҷалбнамоӣ ба ДИИШ хусусиятҳои синнусоли (18-28 сола), мансубият ба мавқеи иҷтимоӣ ва миллат ба ҳисоб гирифта мешаванд.Дар вақти омодасозии ҳуҷҷатҳо, шартнома баста шуда, дар баъзе ҳолатҳо гуё пешпардохт ҳам сурат мегирад.

Ширкатҳои сайёҳӣ дигар аз роҳи ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ буда, бо ташвиқу тарғиб ва шустани мағзи ҷавонон ин корро анҷом медиҳанд. Истихдомгарон баъди мағзшӯии ҷавонон, онҳоро ба воситаҳои ширкатҳои сайёҳӣ ба нуқтаҳои даргир интиқол мекунанд.

Шакли дигари маъмули шомилшавӣ истифодаи минбарҳо буда, ҷавонон барои таҳсили илм ба хориҷи кишвар даъват мешаванд. Ин раванд дар ибтидо гӯё ба омӯзиши ислом равона шуда, дар ҷараёни таҳсил асли мақсад ба мағзи ҷавонон ворид мегардад. Ҷавонон аз ин роҳ бештар аз Покистон, Афғонистон, Эрон, Арабистони Саудӣ интиқол мегарданд.

Ҷавонони кишвар бояд воқиф бошанд, ки симои аслии ДИИШ ба исломи асил ва суннатҳои он иртиботе надошта, идеалогияи он аз таълимоти салафия сарчашма мегирад ва он соф террористию ифродгаро буда, хилофи дини мубини ислом аст.

Барои рафъ ва коҳиши шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои тундгаро моро зарур аст, дар ҳамбастагӣ тамоми ниҳодҳои ҷомеа, аз ҷамоату мақомоти маҳаллӣ то вазорату кумитаҳои масъул, парлумон, аҳзоби сиёсӣ, зиёиён, уламо ва тамоми қишрҳои ҷомеа муташаккилона мубориза бурда, аз гуфтор ба амал гузашта ин бемориро табобат ва ё нобуд созем.

Ислом динест барои осудагиву амният ва ҳар як амале , ки дар аснои ибодат сурат мегирад, қалби инсонро ба шафқату муҳаббат ва раҳму адолат водор месозад.Тавре аз сарчашмаҳои аслӣ бармеояд, дар он дуруштиву ситам, таҷовузу ифрот ва дигар аъмоли зиддиинсонӣ вуҷуд надорад.

**Сафаралӣ СОБИРОВ,**
*директори мактаби №10, ноҳияи Ёвон*

---

Даҳшат

# ГУНАҲГОРИ БЕГУНОҲ

**Ё НИГОҲЕ БА ЯК ҲОДИСАИ ВАҲШАТНОК, КИ ҶОМЕАИ БАШАРРО ТАКОН ДОД**



**Фархундаро куштанд. Ҷисми нотавони ин бону, ин хоҳар ин модарро бо сангдилӣ аввал бо зарби мушту лагад, сипас бо чӯбу санг хунсор карданд. Издиҳоми башӯромада зораю илтиҷои ӯро, ки гунаҳ надорад, нашунид. Дар навори видеоии ин манзараи ваҳшат мебинед, ки иддае аз ҷавонони ҳузарби одамсурати гургсират ба ҷисми оҷизи ин зан дарафтода, аз зарби дасту пои хеш ба тани наҳифи ин муштипар ҳаловат мебаранд. Гӯё бо ин амал "қаҳрамонӣ" ва садоқати бепоёни худро ба Худованд нишон медиҳанд. Бо ин ҳама тоқат накарда, ҷасади беҷони занро боло бардошта, ба гӯшае бурда оташ мезананд ва сипас ба канори рӯдхонаи Кобул мепартоянд. Худоё, моро аз шарри чунин шайтонмиҷозон дур нигаҳ дор!**

**Ин манзараи даҳшатафкан, ки дар чанд лаҳза пеши назари мардум рух дод, ба ҷуз иштирокчиён боз тамошобинон низ дошт. Ҳатто кормандони пулис натавонистанд аз ин хушунат ҷилавгирӣ кунанд, ба доди ин хоҳар бирасанд ва ҷисми ӯро аз чанголи ҷавонони бемағз раҳо бахшанд. Ба назар чунин мерасад, ки мардуми тамошобин нисбат ба тақдир ва фоҷеаи як нафар ҳамҷинсу ҳамкеши худ бетафовут менигаранд. Ин амали нангин бо фатвои иғвоангези муллое сурат гирифт, ки ба таъбири Хоҷа Ҳофиз "Қуръонро чун дагарон доми тазвир" қарор додааст.**

**Фархунда ин бонуи таҳсилкардаи кобулӣ, ки сиришташ пок буд, бо ҳар гуна амалҳои дурӯғ наметавонист созиш бикунад. Ӯ борҳо амали муллоҳоеро, ки бо тумору таштов мардумро ба гумроҳӣ мекашанд, маҳкум мекард.**

**Мегуфт, ки ин муллоҳо ҳарфи шариатро ба тиҷорат табдил додаанд, Вай борҳо ба бонувон таъкид кардааст, ки тумори мулло гиреҳҳои муҳаббатро намекушояд, вақте ки меҳр ба Худованд надорӣ. Беҳтараш, мегуфт ӯ, ҳар чизеро, ки мехоҳӣ, аз даргоҳи Яздони пок сидқан талаб намо, танҳо аз ин роҳ дурри мақсудро метавон ба каф овард.**

**Бале, таблиғоти дурусту эътирози бамавқеи Фархунда бозори ин гуна муллоҳоро касод мекард ва ниҳоят як нафар аз эшон аз сари қаҳр туҳмат зад, ки ин зан Қуръонро сӯхта ва моро низ бадном мекунад. Ва билохира оташи хашму ғазаби ҷавонони бемағз ҷисми ин зани 27-соларо сӯхт. Ҷаҳолату нодонӣ боло гирифт ва оқибат нури чароғи як хонадони мусалмони огоҳро барои абад хомӯш кард.**

**Ин воқеаи нангин хотираеро дар зеҳнам бедор намуд. Боре дар суҳбати як домуллои маъруф нишаста будам. Эшон гуфт, ки бисёриҳо наздам меоянд, то барои кушоиши кор ва ё бароварда сохтани ҳоҷатҳояшон тумор диҳам. Аксарашон савдогаронанд. Ҳарчанде ба онҳо мефаҳмонам, ки хостаатонро аз Худованд талаб кунед, хафа мешаванд. Ночор сураеро дар коғаз менависаму дар шакли тумор ба дасташон медиҳам, хурсанд аз наздам мераванд. Медонам, ки ин навиштаҳо таъсире намебахшанд, аммо мебинам, ки бо ҳамин дили онҳо таскин меёбад.**

**...Ин ҳодисаи нангин дар рӯзи равшан, дар ҳоле, ки мардуми афғон ба истиқболи Наврӯз омодагӣ медиданд, рух дод.**

**Кобул мотам гирифт, ба ҷои садою нишоти наврӯзӣ фарёди ҷонкоҳи занон баланд шуд. Ҳамин тавр, Наврӯз имсол на танҳо барои як хонадон, балки барои тамоми бонувони ин шаҳр хунин омад.**

**Ин манзараи даҳшат эътирози ҷаҳониёнро ба бор овард, то ҷое ҳатто гурӯҳи бадномшудаи Толибон омилони ин ҳодисаро ба ҷазои сахт маҳкум карданд.**

**Раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода ба "Озодӣ" гуфтааст, ки "ин амал ҳаргиз барои дифоъ аз китоби муқаддаси мусулмонҳо набуд, ин кӯтоҳандешии баъзе аз мусалмонҳост ва чунин рафтор ба номи дини Ислом иснод меорад."**

**Ин рӯйдоди риққатовар касро ба андеша мебарад. Чӣ гуна як мулло тавонист, ки барои ҳифзи манофеи хеш аз нерӯи ҷавонони ноогоҳ истифода кунад. Афғонистон ҷумҳурии исломӣ аст. Магар дини мубини Ислом мефармояд, ки чунин амалҳои ваҳшатафкан сурат гирад? Чаро ҷавонон ба фатвои иғвоангези як мулло фирефта шуда, наандешиданд, ки ин модари ҷавон низ мусулмон аст, аз Худо метарсад, Қуръони маҷидро эҳтиром мегузорад ва бо фармудаҳои Худованд амал мекунад. Оё зани мусулмон метавонад Қуръонро оташ занад?**

**Кӣ замонат медиҳад, ки чунин ҷавонони таассубгарои бемағз дар Тоҷикистони азизи мо низ зиндагӣ намекунанд?... Кӣ кафолат дода метавонад, ки чунин ҷавонон ба иғвои дасисаангези як нафари мутаассибе мисли он муллои кобулӣ дода намешаванд? Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ усули қатли аз ин ҳам даҳшатборро шунида ва худ шоҳид будем: шиками модарро дарида тифли ӯро дар батнаш сар заданд ва ё инсонро зинда ба зинда дар равғани тафсон партофтанд...**

**Ҷасорату ҳамдилии занони афғон суннати исломиро шикаст. Занҳо бо нишони эътироз бархилофи анъанаи аҷдодӣ амал карда, нагузоштанд, ки мардон пояи тобути Фархундаро бардоранд ва худ то манзили охират ӯро бурданд.**

**Ҷуръати занҳои афғонро дида, хотироти Афғонистон дубора дар зеҳнам рӯ зад. Соли 2006 мо як гурӯҳ журналистон ба ин ҷумҳурӣ сафар доштем. Дар Кобул дар бинои парлумон бо вакилони Лӯи Ҷирга низ вохӯрдем. Дар суҳбат бонуи вакил Ноҷия Аймоқ аз ҷумла гуфт, ки занҳо дар парлумон хеле фаъоланд. Онҳо мекӯшанд, ки ҳуқуқи зани афғон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт ҳифз шавад ва ё занҳо ақаллан аз ҳамон ҳуқуқҳое, ки дини мубини Ислом барояшон додааст, бархӯрдор бошанд.**

**Аз суҳбати ин вакили парлумон метавон хулоса баровард, ки дар ин ҷумҳурии исломӣ зан чӣ мавқеъ дорад. Ҳатто занҳо аз ҳамон ҳуқуқҳое, ки Ислом барояшон додааст, маҳруманд. Ана ҳамин маҳдудиятҳо зани афғонро ба ҷабҳаи мубориза кашидааст. Фархунда низ аз муборизони роҳи ҳақ буд, ки қурбони ҷаҳолат шуд.**

**Оре, Фархундаро хашму ғазаби чанд нафари ноогоҳ аз каломи раббонӣ аз байн бурд. Бо ҳар нафаре, ки дар ин хусус суҳбат мекунем, аз ӯ ба унвони шаҳид ном мебаранд, аммо ба ҷуз изҳори афсӯс ва надомат нисбати қотилони ин зан кори дигаре наметавонанд анҷом диҳанд.**

**Агарчӣ дар паи эътирози шадиди мардум ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бо таҳқиқи ин ҳодиса бегуноҳии Фархунда исбот шуд, аммо маълум нест, ки ҷазои қотилони ин шаҳидро кӣ ва кай таъину амалӣ мекунад?!..**

**Алӣ ҶӮРА**

# ДАРГИРИҲО ДАР ЯМАН

**Дар Яман, нахустин кишваре, ки аз онҷо силсилаи инқилобҳои "Баҳори араб" оғоз ёфта буд, вазъият якбора мутташанниҷ гашт. Пас аз ҳуҷумҳои мухолифин ба пойтахт- шаҳри Санъо, президенти Яман Абдурраббӣ Мансур Ҳодӣ ба шаҳри Адан воқеъ дар Ямани Ҷанубӣ рафта, онро пойтахти муваққатии кишвар эълом намуд. Гурӯҳҳои мухолифин мулаққаб ба ҳусиҳо ба ҷойи исти ӯ низ зарбаҳо заданд. Пас аз ин Ҳодӣ ба Арабистони Саъудӣ фирор карда, барои кӯмак ба он давлат муроҷат кард.**



**АРАБИСТОНИ** Саъудӣ бо 10 кишвари араб-Миср, Марокаш, Урдун, Судон, Кувайт, Аморати муттаҳидаи Араб, Қатар, Баҳрайн, Покистон, Судон эътилоф ташкил намуда, шоми 26 март ба мавқеи ошӯбгарон зарбаҳои ҳавоӣ зад. Тибқи нигоришоти телевизиони Ал-Арабия зимни ин зарбаҳо пойгоҳи ҳавоӣ, силоҳи зиддиҳавоӣ ва аксари тайёраҳои фурудгоҳи Адан нобуд карда шуд. Вале мувофиқи гузориши телевизиони ал-Масир, зарбаҳо ба маҳаллаҳои аҳолинишин рост омада, даҳҳо сокинони маҳаллӣ ҳалок шудаанд.

Лидери ҳусиҳо Муҳаммад Алӣ ал-Ҳутӣ изҳор намуд, ки дастаҳои ӯ ҳама гуна ҳуҷумҳои саъудиҳоро бармегардонанд ва то даме ки Ар-Риёз пойтахти Арабистони Саъудиро ба даст наоранд, ором нахоҳанд шуд. Айни замон нерӯҳои ҳарбии ҳусиҳо чанд тайёраи ҳарбии Саъудиҳоро зада афтондаанд. Хусиҳо гурӯҳи ҳарбикунонида буда, дар чанд давра ҳукуматро сарнагун сохтанд. Ин амали онҳо аз ҷониби Арабистони Саъудӣ ва як қатор кишварҳои дигар эътироф нагардид.

Арабистони Саъудӣ тасмим дорад 100 тайёраи ҷангӣ ва 150 ҳазор аскарро истифода барад. Инчунин, АМА 30 тайёра, Кувайт 15, Баҳрайн 15, Қатар 10, Ӯрдун 6 тайёра медиҳанд. Миср ва Покистон ба минтақаи Яман нерӯҳои ҳарбии баҳрӣ- ҳавоӣ, Судон артиши пиёдагарди худро фиристодаанд. Тибқи гузориши ВАО, нерӯҳои ҳарбии Миср, ки Яманро иҳота кардаанд, ҷониби киштиҳои ҳарбии Эрон оташи таҳдидкунанда кушоданд. Зимни маълумоти тасдиқнашуда гӯё киштиҳои эронӣ мехоҳанд ба Яман наздик шаванд.

Зимни амалиёти ҷангӣ дар Яман нархи нафт боло рафта, ба 59 доллар барои як баррел расид. Коршиносон сабабро дар он мебинанд, ки Яман нафт надошта бошад ҳам, ҷангиёни он ба гулӯгоҳи Боб-ул-Мандеб наздик омада, барои гузаштани киштиҳои нафткашон халал эҷод карда метавонанд. Тавассути ин гулугоҳ аз се як ҳиссаи нафти ҷаҳон интиқол дода мешавад.

Вокуниши давлатҳои ҷаҳон ба ин ҳодиса гуногун аст. Русия ҷонибдори ҳаллу фасли осоиштаи масъала буда, ИМА-ро барои стандартҳои дугона ҳангоми баҳо додан ба буҳрони сиёсии Украина ва Яман гунаҳгор намуд. Сурия, Ироқ, Эрон, Фаластин ҳуҷуми Арабистони Саъудӣ ва эътилофи кишварҳоро маҳкум намуданд. Чин тарафҳоро барои ҳалли мусолиҳатомез даъват намуд.

Амрико ҷонибдори амали Арабистони Саъудӣ буда, изҳор доштааст, ки дар амалиёти ҷангӣ иштирок намекунад, вале ба артиши Саъудиён кӯмаки ҳарбӣ мерасонад. Пеш аз амалиёт дар сатҳи мақомоти олии ин ду кишвар мушовара гузаронда шудааст.

Гурӯҳи ошӯбгарони ҳусиҳо расман ба номи «Ансоруллоҳ» (ёварони Худо) маълум буда, ҳамчун ҷараёни назариявӣ-динӣ дар ибтидои солҳои 90-ум ба вуҷуд омадааст. Хусиҳо ба яке аз шохаҳои шиаи исломӣ зайдия мутааллиқанд. Тибқи маълумоти мавҷуда, зайдиҳо аз се як ҳиссаи сокинони 25-миллионнафараи Яманро ташкил дода, таълимоти худро дар робита бо гуногунандешӣ "муътадил" меҳисобанд. Асосгузори он Ҳусайн Зайд ибни Алӣ буда, таълимоти ӯ дар Ироқ, Эрон, нимҷазираи Араб паҳн шудааст.

Фаъолнокии сиёсии онҳо борҳо боиси таъсиси давлатҳо шудааст. Аз ҷумла, зайдиҳо давлати худро дар Марокаш (Оли Идрисиҳо) ташкил намудаанд. Дар давоми беш аз ҳазор сол зайдиҳо ҳукмрони ягонаи Яман буда, кишварро имомҳои он то инқилоби соли 1962 идора мекарданд. Онҳо шимоли Яманро маркази асосии худ қарор доданд. Дар аввал гурӯҳи мазкур дар шакли маҷлиси ба ном "Маҷлиси ҷавонони муъмин" таъсис ёфтааст. Баъдан байни онҳо ду гурӯҳ ба вуҷуд омада, гурӯҳи аввал ба амали ошкоро даъват намуд, гурӯҳи дуюм усули анъанавиро афзал донист. Асосгузори ҷараён Ҳусейн ал Хусӣ ҷонибдори гуруҳи аввал шуд. Соли 2004 ӯ президенти вақти Яманро ба иттиҳоми хидмат ба манофеъи Амрико гунаҳгор карда, худро имом эълом намуд. Пас аз ҳалокати ӯ бародараш Абдулмалик ал Хусӣ роҳбари гурӯҳ шуд. Ба шарафи асосгузори ҷараён пайравони гурӯҳ мазҳаби худро хусиҳо номиданд.

Дере нагузашта, ҳаракати "Ансоруллоҳ" аз муборизи ҳуқуқ дар вилояти кӯчаки Яман ба нерӯи асосии ҳарбию сиёсии кишвар мубаддал шуд. Дар пойгоҳи диниаш худро миллати исломии арабӣ меҳисобад, ки зимни фишору истилои Амрико ва Исроил таҳқири зиёде дидааст. Дар барномаи сиёсии онҳо шиорҳои "Марг ба Амрико" ва "Марг ба Исроил" ҷой дорад. Соли 2011, пас аз мухолифатҳо бо президенти вақти Яман Алӣ Абдуллоҳ Солеҳ хусиҳо мавқеи худро дар шимол мустаҳкам намуда, на танҳо зидди нерӯҳи ҳарбии ҳукумат, балки алайҳи гурӯҳҳои исломии ғайришиа, ба мисли "Ал-Ислоҳ", иттиҳоди қабилаҳои ҳошид, ҷангиёни Ал-Қойида ва гуруҳи ба он марбути "Ансор аш-шариа" мубориза оғоз намуданд. Дар нимаи дуюми моҳи март бештари ҳудуди Яман дар ихтиёри созмони ҳарбиву сиёсии "Ансоруллоҳ" қарор гирифт.

**Ҷумъа ҚУДДУС**

## Таърихи мухолифати ҳарбиву сиёсӣ дар Яман

**МУҚОВИМАТИ ҳарбиву сиёсӣ байни хусиҳо ва ҳукумат аз соли 2004 идома дорад. Гурӯҳи Зайдиҳо (хусиҳо) даъво карданд, ки ҳуқуқи аҳолии шиамазҳаб танг карда шудааст ва мебояд маҳдудиятҳои соли 1962 воридкарда бекор ва ҳуқуқҳои аҳолии шиамазҳаб барқарор карда шавад.**

**27 ЯНВАРИ СОЛИ 2011 ҳазорҳо нафар ба тазоҳурот баромада, истеъфои президент Алӣ Абдулло Солеҳро талаб намуданд. Дар натиҷаи даргирӣ беш аз 2 ҳазор нафар ҳалок ва беш аз 20 ҳазор нафар ҷароҳат бардоштанд.**

**3 ИЮНИ СОЛИ 2011 президент Солеҳ дар масҷид захмӣ шуда, барои муолиҷа ба Арабистони Саъудӣ фирор кард ва танҳо моҳи сентябр ба Яман баргашт.**

**23 НОЯБРИ СОЛИ 2011 Алӣ Абдуллоҳ Солеҳ аз вазифаи президентӣ истеъфо дода, ҳукуматро ба муовини худ Абдураббӣ Мансур Ҳодӣ супорид.**

**22 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 дар интихоботи ғайринавбатии президентӣ Абдураббӣ Мансур Ҳодӣ пирӯз гашт. Ду сол нисбатан осуда гузашт. Аммо августи соли 2014 муқобилият бо нерӯи бештар сурат гирифт.**

**21 СЕНТЯБР сарвазир Муҳамад Салим Басиндва истеъфо дод.**

**23 СЕНТЯБР ҳаракати "Ал Хусӣ" эълом намуд, ки ихтиёри пойтахти кишвар Санъоро ба дасти худ гирифтааст.**

**7 ОКТЯБР президент Ҳодӣ сардори дастгоҳи иҷроияи худ Аҳмад Авад бинни Муборакро сарвазири кишвар таъин намуд. Вале инро хусиҳо қабул накарданд ва муборизаро давом доданд. Ҳамагӣ пас аз ду рӯз, 9 ОКТЯБР, ибни Муборак аз вазифаи сарвазирӣ даст кашид.**

**7 НОЯБР президент Ҳодӣ бо фармони худ Ҳукумати ваҳдати миллӣ таъсис дода, сарварии онро ба Холид Маҳфуз Баҳаҳ супорид.**

**20 ЯНВАРИ СОЛИ 2015 хусиҳо кохи президентро ишғол намуданд ва сарвари давлату вазирон амалан дар мақоми ҳабси хонагӣ қарор гирифтанд. 22 ЯНВАР бо талаби ошӯбгарон аъзои ҳукумат ва президент барои истеъфо ариза навиштанд. Вале баъдҲодӣ аризаи худро гирифт.**

**6 ФЕВРАЛ ошӯбгарон парлумонро пароканда намуданд ва барои идораи давлат Шӯрои президентӣ таъсис намуданд. 21 ФЕВРАЛ президент Абдураббӣ Мансур Ҳодӣ ба Адан фирор намуда, онро пойтахти муваққатии кишвар эълом кард.**

**25 МАРТ нерӯҳои харбии хусиҳо ба шаҳри Адан наздик шуданд ва президент Ҳодӣ, ки тибқи гуфтаи коршиносон пас аз ислоҳоти зикршуда дар ҳукумат ва парлумон амалан аз ҳуқуқҳои сарварии худ маҳрум монда буд, Яманро тарк намуда ба Арабистони Саъудӣ рафт.**

**26 МАРТ бо хоҳиши Ҳодӣ ва бархе вазирони Яман амалиёти ҷангии Арабистони Саъудӣ ва иттифоқчиёнаш ба Яман оғоз шуд.**

**Ин далел ҳам аҷиб аст, ки муддати зиёде дар Яман нерӯҳои ҳарбии ИМА вуҷуд доштанд ва пас аз муташанниҷ гаштани вазъият қисме аз онҳо кишварро тарк намуданд. Далели он ҳам аҷиб аст, ки ҳангоми аз ҷониби хусиҳо таркондани тайёраи ҷангии Арабистони Саъудӣ ҳарбиёни амрикоӣ ҷони сарнишинони онро халос карданд.**

**Маҳз ба ин хотир, ки бо маслиҳати ИМА Арабистони Саъудӣ бо 10 кишвари иттифоқчияш барои мадад ба президенти сарнагуншудаи Яман А.Ҳодӣ барои нест кардани мухолифонаш тасмим гирифтаанд, ҷониби Русия, Эрон, Ироқ ва соири давлатҳои дигар ин амалро стандарти дугона меҳисобанд. Зеро ки замони дар Сурия ва Украина ба вуҷуд омадани вазъияти ҳамсон, ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва иттифоқчиёни онҳо на барои дастгирии сарварони он кишварҳо, балки барои нобуд сохтани онҳо ба фоидаи мухолифин кумак мерасонданд.**

**Бадтар аз ҳама, дар Яман бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат ба вуҷуд омадааст. Танҳо дар аввали солҳои 90-ум ду Яман - шимоливу ҷанубӣ якҷоя шуданд, вале пас аз соли 2011 ташаннӯҷ байни ду қисми кишвар меафзояд. Яманиҳои ҷануб аъзои ҳаракати хусӣ набошанд ҳам, ҳуҷуми эътилофро истилои кишвар медонанд ва тайёранд худро мустақил эълом намоянд. Вале ҳуҷум ба дараҷае пурзӯр аст, ки амалӣ шудани чунин нақша ба гумон аст. Муҳимтар аз ҳама дар ин кишвари хурд мухолифати бузурги ду ҷараёни асосии исломӣ - шиа ва сунниҳо дида мешавад. Ин албатта, ба манфиати ИМА ва Исроил буда, тибқи хабарҳои расонаҳо, маҳз онҳо барои ҷудоӣ андохтан байни мардуми мусулмон пайваста чораҳо меандешанд.**

Минбари халқ
1 апрели соли 2015,
№14 (993)

# СОЛИ МАВЛОНО ҶОМӢ ДАР



*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

Дар шаҳри Сайберҷаяи Малайзия Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи технологияҳои нави Лимкоквинг ва донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Малайзия таҳсили илм мекунанд, мулоқот намуд.

Дар вохӯрӣ доир ба ҳамкории кунунӣ ва оянддаи Тоҷикистон бо ин донишгоҳ суҳбати ҷолиб сурат гирифт. Тавре зикр гардид, ин донишгоҳ 8 ҳазор донишҷӯй дорад ва 80% он аз кишварҳои хориҷӣ аст. Аз Тоҷикистон бошад, танҳо дар ҳамин донишгоҳи Малайзия наздики 40 донишҷӯи тоҷик таҳсил мекунанд. Дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ин кишвар беш аз 200 нафар тоҷикон илм меомӯзанд.

Бо қарори Шӯрои илмии Донишгоҳи Лимкоквинг Эмомалӣ Раҳмон бо унвони профессори фахрии ин донишгоҳ сарфароз гардонда шуд.

Миёни Вазорати маорифи Тоҷикистон ва Донишгоҳи Лимкоквинг Ёддошти тафоҳум ба имзо расид, ки тибқи он оянда филиали ин донишгоҳ дар Тоҷикистон бунёд хоҳад ёфт.

Дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Тоҷикистон, ки чорабиниҳои марказиаш дар Қасри Миллат баргузор гардид, барои таҳким ва густариши робитаҳои судбахши ояндадор заминаи хуб гузошта шуд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ маросими имзои санадҳо баргузор шуд, ки зимни он Эъломияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ва 4 созишнома ба имзо расид.

Моҳи октябр дар шаҳри Душанбе нахустин анҷумани сармоягузории Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) барои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд, ки дар он масоили ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати кишоварзӣ, нақлиёт, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, маориф, илму техника, сайёҳӣ ва тандурустӣ баррасӣ шуд.

Барои иштирок дар ин анҷуман намояндагони кишварҳои аъзои СҲИ, ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, сохторҳо оид ба рушди ҳамкорӣ, бахшҳои хусусӣ ва сармоягузорони кишварҳои аъзо ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон меҳмонони олимақом ва ҳамаи иштирокдорони анҷуманро хайрамақдам гуфта, изҳори бовар намуд, ки ҳамоиши номбурда ба таҳким ва рушди минбаъдаи сармоягузорию соҳибкорӣ дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мусоидати фаъол мекунад.

Дар қисмати ифтитоҳии анҷуман ҳамчунин дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Иёд Амин Маданӣ, раиси Бонки исломии рушд Аҳмад Муҳаммад Алӣ, вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Либия Муҳаммад ал-Ғиронӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Мамлакати Арабистони Саудӣ Туркӣ ибни Муҳаммад ибни Сауд ал-Кабир, вазири давлатии Амороти Муттаҳидаи Араб Абдулло Ғаббош, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Судон Алӣ Аҳмад ал-Картӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Атиқуллоҳ Атифмал ва мудири омили ширкати Қатари Диёр - Тоҷикистон Камол Ҳиҷозӣ суханронӣ намуданд.

Пас аз анҷоми қисмати ифтитоҳии Анҷуман Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон панҷ нафар иштирокдорони воломақоми ин ҳамоишро ба ҳузур пазируфта, суҳбати судбахш анҷом дод, аз ҷумла бо дабири куллии Созмони ҳамкории исломӣ Иёд Амин Маданӣ, раиси Бонки исломии рушд Аҳмад Муҳаммад Алӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Мамлакати Арабистони Саудӣ Туркӣ ибни Сауд ал-Кабир, вазири давлатии Амороти Муттаҳидаи Араб Абдулло Ғаббош ва муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Атиқуллоҳ Атифмол.

Давоми соли 2014 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо гурӯҳи вакилони парлумони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) аз Шветсия ва Дания, мудири Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба Осиёи Марказӣ Масару Хонма, ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Лора Так, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Иброҳим Раҳимпур, муовини якуми ёвари котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико доир ба Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Ричард Ҳоуглен, узви Раёсати ширкати Сименс Михаэл Зюс ва директори Агентии энергетикии Ҷумҳурии Федеролии Олмон Штефан Колер, вазири иқтисоди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулҳодӣ Арғандивол, президенти Федератсияи ҷаҳонии футбол (ФИФА) Йозеф Блаттер, котибони шӯроҳои амнияти давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, мушовири Девони Амири Давлати Кувайт, раиси Фонди байналмилалии хайрияи исломӣ, намояндаи дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба башардӯстӣ доктор Абдуллоҳ Маътуқ ал-Маътуқ, муовини аввали вазири авқофи Давлати Кувайт, раиси Маркази ҷаҳонии "Васатия" Одил Абдуллоҳ ал-Фаллоҳ, директори генералии Агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушди байналмилалӣ Мартин Дахинден, раиси Ассамблеяи миллии парлумонии Ҷумҳурии Исломии Покистон Сардор Айёс Содиқ, директори минтақавии Бонки ҷаҳонӣ оид ба Осиёи Марказӣ Сароҷ Кумар Ҷа, ёвари котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико доир ба масоили Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ Ниша Десай Бисвал, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Зирор Аҳмад Усмонӣ, роҳбари Департаменти федералии молияи Швейтсария хонум Эвелин Видмер-Шлюмпф, роҳбари ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба Тоҷикистон Ҷонатан Данн, вазири федералии об ва энергетикаи Ҷумҳурии Исломии Покистон Хоҷа Осиф Муҳаммад, фармондеҳи Фармондеҳии Марказии ИМА генерал Ллойд Остин III, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон Эрлан Абдилдаев, вазири иттилооти (амнияти) Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Алавӣ, вазири корҳои хориҷии Малайзия Анифаҳ Ҳоҷӣ Амон, раиси Шӯрои директорони ҳолдинги Издони Давлати Қатар шайх Холид ибни Сонӣ оли Сонӣ, губернатори шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия Георгий Полтавченко, муовини вазири корҳои хориҷии Япония Кентаро Соноура, президенти Бонки аврупоии навсозӣ ва рушд Сума Чакрабарти, ҳайати Парлумони Иттиҳоди Аврупо доир ба робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ Ивета Григуле, раиси амалкунандаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Вазири корҳои хориҷӣ-Президенти Конфедератсияи Швейтсария Дидё Буркхалтер, Раиси Вулус Ҷиргаи (парлумони) Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдурраууфи Иброҳимӣ ва бисёр шахсиятҳои маъруфу муътабари дигар мулоқотҳои судбахш анҷом дод.

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Чехия Милош Земан аз Тоҷикистон, ки аз ҷумлаи дӯстони деринаи кишвари мо ба шумор меравад, барои барқарор намудани робитаҳои анъанавии ду ҷониб заминаи устувор гузошт.

Зимни баррасии имконоти фарохи ҳамкорӣ доир ба густариши робитаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ гуфтугӯйи судманд сурат гирифт. Бо ёдоварӣ аз фаъолияти босамари ширкатҳои чехословакии КОВО, ТЕХНОПОЛ, ПОЛИТЕХНА ва ДАТАСИСТЕМ дар солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон изҳори бовар карда шуд, ки оянда ҳам робитаҳои судбахши иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ миёни ду кишвар густариши беш аз пеш пайдо мекунанд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ бо иштирок ва дар ҳузури сарони ду давлат се санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Сарони ҳарду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Милош Земан ҳамчунин дар анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Чехия, ки бо ҳузури наздики 400 нафар соҳибкорону сармоягузорони ду кишвар ва намояндагони як қатор мақомоти давлатӣ аз ҳарду ҷониб ҷараён гирифт, иштирок намуда, намояндагони бахши хусусии ду кишварро ба густариши робитаҳои мустақими ҳамкорӣ ташвиқ карданд.

Моҳи сентябри соли 2014 Ҳасани Рӯҳонӣ, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон бо сафари расмӣ ва ҳам барои иштирок дар ҳамоиши навбатии сатҳи олии Созмони ҳамкории Шанхай вориди шаҳри Душанбе шуд.

Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди Қасри Миллат баргузор шуд.

Ба имзо расидани 9 санади нави ҳамкорӣ, ки пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмии сатҳи олӣ баргузор шуд, аз тавофуқоти зиёд барои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ ва таҳкими дӯстию бародарии роҳбарият ва мардумони ду кишвари ҳамзабон гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҳамин толор сарони давлатҳои Тоҷикистону Эрон тавассути пахши тугма чархаи дуюми нерӯгоҳи обии Сангтӯда 2-ро ба кор даровардаанд. Ҳамин тариқ, ин иншооти бузург, ки самараи ҳамкории энергетикии ду кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабон мебошад, пурра фаъол гардид.

Зимни нишасти матбуотӣ сарони ду давлат аз натиҷаҳои мулоқоту музокирот изҳори қаноат карда, муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории гуногунпаҳлӯи Тоҷикистону Эронро дорои дурнамои бузург номиданд.

Ба иттилои Эмомалӣ Раҳмон, тайи 10 соли охир гардиши мол миёни Тоҷикистону Эрон 5 баробар афзуда, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими эронӣ ҳам ба иқтисоди Тоҷикистон ба маротиб зиёд шудааст.

Ҳасани Рӯҳонӣ таъкид дошт,- ки "ба анҷом расидани сохтмони нерӯгоҳи Сангтӯда 2 на анҷоми кор, балки оғози ҳамкории густурдаи иқтисодии Эрону Тоҷикистон, ба хусус дар бахши энерҷӣ мебошад".

Дар ҳошияи ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Душанбе Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарон ва намояндагони воломақоми давлатҳо, ки барои иштирок дар ин ҷаласа ташриф меоварданд, мулоқотҳои судбахш анҷом дод.

Чунин мулоқотҳо, аз ҷумла, бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов. Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Атамбоев, Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Президенти Муғулистон Сахиагийн Элбегдорж, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Сушма Сварäҷ ва мушовири Сарвазири Покистон оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ Сартоҷ Азиз доир гардид.

Бори дигар таъкид бояд дошт, ки рӯйдоди аз ҳама хотирмон дар самти таҳким ва густариши робитаҳои хориҷии Тоҷикистон раисии давлати мо дар Созмони ҳамкории Шанхай ва баргузор шудани ҳамоиши сарони давлатҳои аъзои ин созмони бонуфузи ҷаҳон дар шаҳри Душанбе буд.

Моҳи сентябри соли 2014 шаҳри Душанбе бинобар баргузории ҳамоиши навбатии сатҳи олии Созмони ҳамкории Шанхай, дар маркази таваҷҷуҳи аҳли башар қарор гирифт, зеро ин созмон тайи солҳои фаъолияти муассираш ба як ниҳоди басо соҳибнуфуз дар сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ба пойтахти Тоҷикистон роҳбарони давлатҳое ташриф оварданд, ки дар онҳо беш аз нисфи аҳолии кураи замин зиндагӣ дорад.

Барои иштирок дар ин ҳамоиш дар пойтахти Тоҷикистон сарони ҳамаи 6 давлати аъзои созмон-Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, Президенти Федератсияи Русия Влади-





# ТОҶИКИСТОН БОБАРОР БУД

мир Путин, Президенти Ҷуҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Атамбоев, Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов ва Президенти давлати мизбон, Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳам омаданд. Ба онҳо роҳбарон ва намояндагони воломақоми кишварҳои нозири созмон ва меҳмонони олимақоми дигар, аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Рӯҳонӣ, Президенти Муғулистон Сахиагийн Элбегдорж, Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳаммадов, Вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Сушма Сварач ва мушовири сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба масоили сиёсию амниятӣ Сартоҷ Азиз ҳамроҳ шуданд. Дар кори ҳамоиш ҳамчунин намояндагони воломақом аз созмонҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ ва роҳбарони сохторҳои кории Созмони ҳамкории Шанхай иштироки фаъол доштанд.

Ҳамоиши мазкур дар бинои тозабунёди Кохи Наврӯз, ки ба як муъҷизаи санъати меъморӣ ва ороишии мардуми тамаддунофари тоҷик табдил ёфтааст, баргузор гардид. Дар ин бинои муҳташам, ки бо зеботарин усулҳои меъмории бостонию муосир ва оройшоти дилошӯб ба мисли кандакории нақшу нигори назаррабо дар рӯйи чӯб, гач, санг, шиша ва ҳам ойина сохта шуда, оро ёфтааст, тамоми шароити зарурӣ барои баргузор намудани чунин ҳамоишҳои бузург ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ муҳайё мебошад.

Дар ҳамоиши навбатии сатҳи олии Созмони ҳамкории Шанхай, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷараён гирифт, масоили вобаста ба амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти зиддитеррористӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои нозир, тартиби қабули аъзои нав ба созмон ва дигар масоили муҳим баррасӣ шуд.

Дар интиҳои ҳамоиш Эъломияи Душанбегии сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, қарорҳо дар бораи уҳдадориҳои давлати довталаб ба узвияти созмон, тартиби додани мақоми давлати узв, Стратегияи рушди созмон то соли 2025, ҷашнгирии 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, созишномаи байниҳукуматии давлатҳои аъзо доир ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ва дигар санадҳо ба имзо расид.

Санадҳое, ки дар ин ҳамоиш мувофиқа шуда ба имзо расиданд, аз ҷумла қарорҳо дар бораи уҳдадориҳои давлати довталаб ба узвияти созмон ва тартиби додани мақоми давлати узв ба қабули аъзои нав ба Созмони ҳамкории Шанхай роҳ мекушоянд. Ҳамин тариқ ҳамоиши душанбегии ин созмони дорои нуфузи ҷаҳонӣ барои аъзоиояндаи он роҳро боз намуд.

Ин аст, ки зимни изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки ба ҳайси роҳбари давлати раисикунанда дар Созмони ҳамкории Шанхай сухан гуфт, ҷараён ва натиҷаҳои ҳамоиши Душанбе пурарзиш ва таърихӣ номида шуд.

Дар баробари ин, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Тоҷикистон ҳамчунин бо сафари давлатӣ ташриф оварда буд.

Маросими бошукӯҳи истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди Қасри Миллат баргузор гардид. Ба ин муносибат дар саҳни Қасри Миллат ҷузъутомҳои Горди фахрӣ ва оркестри асбобҳои нафасӣ саф оростанд.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон истиқбол гирифта, ба болои минбари ифтихорӣ даъват намуд.

Маросими истиқболи расмӣ бо гузориши фармондеҳи Горди фахрӣ, садо додани ҳамзамони сурудҳои миллии ду давлат ва 21 шиллик аз тӯпхонаҳо, ки танҳо хоси сафарҳои давлатӣ аст, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи сарбозон, ба ҷо овардани эҳтиром ба Парчами давлатии Тоҷикистон, арзи саломи меҳмони воломақом ба низомиён ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду кишвар баргузор гардида, бо расми гузашти низомии ҷузъутомҳои Горди фахрии Тоҷикистон аз назди сарони ду давлат ба поён расид.

Баррасии масоили вобаста ба муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат оғоз ёфта, дар музокироти расмии ҳайатҳои васеи ду ҷониб идома ёфт.

Дар мулоқот масоили вобаста ба ҳамшарикии стратегии ду кишвари ҳамсоя дар бахшҳои сиёсат, амнияти минтақавӣ, иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, маориф, илму техника ва фарҳанг баррасӣ шуд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ 16 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки аз рушди бесобиқаи муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории бисёрҷанбаи ду кишвари ҳамсоя гувоҳӣ медиҳад.



Зимни нишасти матбуотӣ сарони ду давлат ба натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ баҳои баланд дода, аз ҷумла ба имзо расидани бастаи калони санадҳои нав, хусусан Эъломияи муштарак оид ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории шарокати стратегӣ ва Барномаи ҳамкорӣ барои солҳои 2015-2020-ро намунаи хуби ҳусни ҳамсоягии ду кишвари ҳамсоя ва сатҳи боварию эътимод маънӣ доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ҳамроҳ агрегати дуюми навбати аввали Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанберо ба кор даровварда, ба сохтмони навбати дуюми ин иншооти азими энергетикӣ ва ҳам бунёди қисмати тоҷикистонии лӯлаи чоруми гази Осиёи Марказӣ-Чин расман оғоз бахшиданд.

Сарони ду давлати дӯсту ҳамсоя-Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин нахуст ба маркази барқу гармидиҳии дуюми шаҳри Душанбе ташриф оварда, агрегати дуюми навбати аввали онро бо пахши тугма ба кор даровварданд. Бо фаъол гардидани агрегати дуюм иқтидори барқии ин марказ ба 100 мегаватт баробар шуд.

Дар ҳамин ҷо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба сохтмони навбати дуюми ин маркази барқу гармидиҳӣ оғоз бахшида шуд, ки бо ин иқтидори барқии ин иншоот ба 400 мегаватт баробар хоҳад шуд.

Сипас сарварони ду давлат-Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин ҳамроҳ ба ноҳияи Рӯдакӣ ташриф оварда, дар маросими бошукӯҳи оғози сохтмони қисмати тоҷикистонии лӯлаи чоруми гази Осиёи Марказӣ-Чин иштирок намуданд.

Тавре зикр гардид, дарозии ин хатти газ дар ҳудуди Тоҷикистон 400 км буда, дар сохтмони он беш аз 3 миллиарду 200 миллион доллари амрикоӣ харҷ мешавад. Дар ҷараёни сохтмони ин иншооти азим, ки 3 сол идома меёбад, беш аз 3 ҳазор нафар бо кор таъмин мешаванд ва аксари онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон хоҳанд буд. Дар 47 мавзеи масири сохтмон ба дарозии умумии 76 км нақбҳо канда мешаванд, ки 24-тоаш аз зери об мегузарад.

Бо ёдоварӣ аз 16 санаде, ки миёни Тоҷикистону Чин ба имзо расид, иттилоъ дода шуд, ки дар ҷараёни татбиқи онҳо беш аз 6 миллиард доллари амрикоӣ сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон ворид мешавад.

Хотиррасон бояд намуд, ки моҳи ноябри соли 2014 дар ҳошияи Гуфтугӯи шариконӣ Форуми ҳамкории иқтисодии кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором дар шаҳри Пекин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори дигар бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мулоқот намуд, ки зимни он 4 санади дигар ба имзо расид.

Ин санадҳо ҷалби беш аз 1,5 миллиард доллари амрикоии дигарро ба иқтисоди Тоҷикистон дар назар доранд, ки дар маҷмӯъ ба 7,5 миллиард мерасад.

Ба ин агар маблағи лоиҳаҳои сершумори дигарро, ки аз ҷониби ширкатҳои хусусии Тоҷикистону Чин амалӣ мешаванд, ҳамроҳ кунем пас бо эътимод метавон гуфт, ки дар соли 2014 барои ҷалби қариб 10 миллиард доллари амрикоӣ сармоя аз ҳамсоякишвари Чин ба ҷумҳурии мо заминаи ҳуқуқию қарордодӣ гузошта шуд.

Дар партави чунин дастовардҳо, ки воқеан бозгӯи шарикии стратегии ду ҳамсояи наку аст, меҳмоннавозии ғайрирасмии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва бонуи аввали Чин Пен Лиюан, ки зимни нахустин сафари давлатии ин меҳмони олимақом ба Тоҷикистон дар қароргоҳи шаҳрии Президенти кишвар ороста шуд, басо табиӣ буд.

Меҳмонони олимақом аз меҳмоннавозии гарми тоҷикӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамсари ӯ, бонуи аввали Тоҷикистон зоҳир гардид, басо шоду мамнун шуданд.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва ҳамсари ӯ, бонуи аввали Чин Пен Лиюан ҳамчунин ба дарахтони мевадиҳанда ва сояафкану оройшии боғчаи атрофи қароргоҳ, ки аксараш аз ҷониби худи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон шинонда шудаанд, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, аз меваҳои шаҳдбори Тоҷикистон лаззат бурданд.

Ин шоми дӯстӣ бо намоиши маҳсули ҳунарҳои зебои тоҷикӣ ба мисли гулдӯзию зардӯзӣ, заргарӣ ва оройшоти дигари миллӣ, ки атроф ва дохили қароргоҳро оро медоданд, ҳамчунин саршор аз фазои форами фарҳангӣ шуд.

Зимни бозгашти Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар фурӯдгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе ӯ ва ҳамсараш бонуи аввали Чин Пен Лиюанро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва бонуи аввали кишвар гусел намуданд.

Меҳмони олимақом Си Ҷинпин, ҳамсари ӯ, бонуи аввали Чин Пен Лиюан ва ҳайати расмию ҳамроҳи онҳо аз Тоҷикистон бо як ҷаҳон таассуроти фораму гуворо баргаштанд.

Тавре аён аст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раҳбарию раҳнамоии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷӣ қадамҳои устувор гузошта, барои сар ба фалак баровардани бинои бегазанди давлатдории тоҷикон чораҳои пурсамар амалӣ менамояд.

Барои татбиқи стратегияи панҷсолаи рушди Тоҷикистон, ки давраи то соли 2015-ро дар бар мегирад, ҷалби 15 миллиард доллари амрикоӣ ба иқтисоди Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд. Вале дар натиҷаи амали пурсамари сиёсати "дарҳои боз" танҳо дар соли 2014 барои ҷалби қариб 10 миллиард доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ замина гузошта шуд.

Танҳо дар 7 соли охир даромади буҷети давлатии Тоҷикистон беш аз 4 баробар афзоиш ёфт, ки аз ҳамин гуна афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, зиёд шудани даромадҳои аҳолӣ ва болоравии сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Се ҳадафи стратегии Тоҷикистон - таъмини истиқлоли энергетикӣ, пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафи ниҳоӣ аз онҳо таъмини шароити зиндагии шоиста барои мардуми кишвар ва шуҳраи олам намудани давлатдории тоҷикон аст, собитқадамона амалӣ мегарданд.

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,**
*доктори илмҳои таърих, профессор,*
**Заробиддин ҚОСИМӢ**

**Ба муносибати 70-солагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ**



*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

**24 ИЮНИ СОЛИ 1941** дар назди Шӯрои Комиссарони Халқии (ШКХ) ИҶШС Шӯрои тахлия (эвакуатсия, муваққатан аз ҷойи хавфнок ба ҷои амн кӯчонидани аҳолӣ) созмон дода шуда, 27 июни ҳамон сол Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Умумирусиягии Коммунистӣ ва ШКХ ИҶШС "Дар бораи тартиби баровардан ва ҷойгиркунии аҳолӣ" қабул карда шуд. Иншооти аввалиндараҷаи чунин муҳоҷират муассисаҳои кӯдакона, кадрҳои баландихтисоси коргариву хизматчӣ, ашхоси куҳансолу занони кӯдакдор муайян карда шуданд. Дар ҳамон солҳои мудҳишу вазнин танҳо Тоҷикистон зиёда аз 80 ҳазор чунин гурезаҳоро қабул намуда буд. Эвакуатсия бахри ҳамдигарфаҳмиву дӯстии халқҳо заминаи хуб гузошт. Дар Тоҷикистон қисмҳои калони ҷангӣ ташкил мешуданд, ки бо омодагии пурраи ҷангӣ рост ба ҷабҳа воқеӣ. Надежда Саидова, сокини 70 солаи ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон ба ин минтақаи ҷумҳурӣ замони шӯравӣ аз Русия омадааст. Имрӯз ин зан дӯзандаи машҳури маҳаллист. Ӯ куртаву тоқӣ, болопӯши гаҳвора, барои навхонадорон кӯрпача медӯзад, ҳамчунин пазандаи моҳири нони чаппотиву қурутобу фатирмаска ва дигар хӯрокҳои миллии мо аст. Дар ин бобат мо кам мегӯему кам менависем.

Муносибат ба муҳоҷирон имрӯз боиси тааҷҷуб аст. Ин масъалаончунон ба сиёсат омезиш ёфтааст, ки ба фаҳмиши назарҳои мухталиф кас баъзан оҷизӣ мекашад. Масалан, ҶДММ "Комплекси агросаноатии Шатура"-и вилояти Маскав бо дарназардошти тамоми кафолатҳои иҷтимоӣ ва таъмини хӯрокаву манзили зист ба корҳои мавсимиву доимӣ шаҳрвандони Тоҷикистонро даъват мекунад. Тамоми шароит барои коргарони оиладор муҳайё буда, барои фарзандони онҳо боғчаи бачагон ва мактаб низ ҳаст. Маоши лаф додааст, имрӯз озодона оқипадарони сартарошидаи миллатгаро сайру гашт доранд ва онҳо бо бераҳмии махсус бо наберагони ашхосе муносибат мекунанд, ки дар замонашон "китф ба китф" ҳамроҳи сарбозони рус ин кишварро аз ғуломиву маҳвшавӣ наҷот дода буданд. Ҳеҷ фаҳмам намегирад, ки дар кишваре, ки дар ҷанг алайҳи фашизми манҳус 27 миллион сокинонашро талаф додааст, имрӯз ҳаромиву хунсоҳои фашистие пайдо мегарданд, ки бо ливоҳои худ дар кӯчаҳои шаҳрҳои ин кишвар назди муҷассамаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Сарбози Номаълум қадамзанӣ мекунанд! Ин таҳрифи бешармонаи таърих аст. Сарвазири Украина ойиди "таҷовузи Иттиҳоди Шӯравӣ ба Олмону Украина" ҳарф мезанад. Наход аҷдоди ман, мо- тоҷикон ҳамватанонам дар ҳайати артиши Шӯравӣ ба Украинаву Олмон таҷовуз карда бошанд, инсоф куҷост? Ва акнун инро чӣ хел дар арафаи 70- солагии Ғалаба алайҳи фашизм бифаҳмему ба дигарон фаҳмонем?

# ДӮСТӢ ДАР ОИНАИ КАҶНАМО

раҳсипор мегаштанд. Аз соли 1941 то соли 1943 ба ҷабҳаи ҷанг аз Тоҷикистон 100 ҳазор нафар равона гардида, то моҳи июни соли 1944 шумораи ҷанговарон ба 214 ҳазору 696 расид, ки наздики понздаҳ фоизи аҳолии ҷумҳурии моро ташкил медод. Дар оғози соли 2015 шумораи иштирокчиёни ҶБВ дар Тоҷикистон 927 нафарро ташкил медод, ки синни бисёри онҳо аз 90 боло буда, бузургтаринашон ба синни 114- солагӣ расидааст. Ин маълумотест, ки сад афсӯс, насли ҷавон аз он огоҳ нест, мо- насли калонсол бошем, аз гуфтанаш шарм медорем.

**СЕЮМ.** Солҳои 70- уми қарни 20 ҷавонони тоҷик дар чунин иншооти бузурги миқёси умумишӯравӣ - БАМ, КАМАЗ, сохтмонҳои азими Ростову Новгород ва амсоли инҳо иштироки фаъолона доштанд. Садҳо ҷавонписарони тоҷик дар сохтмони иншооти олимпии Маскав (соли 1980) меҳнат кардаанд. Солҳои 80 - уми қарни 20 ҳамасола аз ҷумҳурии мо аз 7 то 8 ҳазор ҷавонон бахри таҳсил дар омӯзишгоҳҳои касбиву техникӣ ба Русияву Украина раҳсипор мешуданд. Як намуна аз ҳаёти миёна ин ҷо, бо дарназардошти 2 рӯзи истироҳат дар як ҳафта, 30 ҳазор рубли русиро ташкил медиҳад. Аз Хадамоти федералии муҳоҷиратии Русия ба Радиои "Озодӣ" хабар доданд, ки тибқи "Барномаи дастгирии ҳамватанон" соли 2014 ба Русия 106 ҳазор нафар кӯч бастаанд, ки аз ин шумор панҷ фоиз, ё 5023 нафарашон аз Тоҷикистонанд. Тибқи ин барнома, муҳоҷиронро 55 минтақа ва вилоятҳои кишвар қабул кардаанд, аз ҷумла 17640 шаҳрванди Тоҷикистонро низ.

Тазодро бубинед: аз як тараф, минтақаҳои гуногуни Русия ба намояндагии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон барои фиристодани қувваи корӣ мурочиат менамоянд ва худашон ба Тоҷикистон меоянд, то ин ки хоҳишмандонро ба кор дар манотиқи хеш ҷалб кунанд, аз ҷониби дигар, дар ВАО- и русӣ тарғиботу ташвиқоти доманадори зидди муҳоҷирон давом мекунад. Ба ворисони халқи ғолиб, ки инсониятро аз чанги фашизм раҳо карда буд, чӣ бало задааст? Дар Русияе, ки дар набарди хунин бо фашизм миллионҳо шаҳрвандонашро та- Маълум мегардад, ки барои чӣ дар баъзе шаҳрҳои Украина дар Оташи абадӣ сихкабоб пухтаву ин амалҳои зишт тавъам бо фахр ва гаштугузор кардан бо рамзҳои фашистиро дар шабакаи интернет паҳн мекунанд…Вазири умури хориҷии Лаҳистон Гжегож Схетина изҳор дошт, ки конслагери Освентсимро… сарбозони украинӣ озод кардаанд. Мумкин вазири муҳтарам хабар надошта бошад, ки озодкунии ин макони мудҳиш ва умуман ватанаш амали дастаҷамъонаи намояндагони бисёр миллатҳои Шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон буда, ба Лаҳистон шумораи зиёди муҳандисон, сохтмончиён, маводу техника равона шуда, бо дастони русҳо, украиниҳо, белорусҳо ва халқҳои Осиёи Миёна пойтахти харобшудаи кишвараш аз нав барқарору сохта шудааст. Дар озодкунии Освентсим намояндагони 39 миллат, аз ҷумла 14 афсар ва 178 сарбози қатории тоҷик иштирок кардаанд.



### МУҲОҶИРАТ, ЗИНДОН, МАРОСИМИ АҚДИ НИКОҲ

Хадамоти федералии иҷрои ҷазои Русия чанде пеш симои равонии муҳоҷирони маҳбусро омода ва маълумоти омориро оиди шаҳрвандони хориҷии дар зиндонҳои кишвар қарордоштаро иштишор сохтааст. Дар маҳбасхонаҳои Русия айни замон 7 ҳазору 786 шаҳрвандони Тоҷикистон зиндонӣ ҳастанд. Чуноне маълум мегардад, аз шумораи умумии маҳбусони хориҷитабор 28 ҳазору 496 нафар, яъне чаҳоряки онро тоҷикон ташкил мекунанд. Ба гуфтаи намояндаи Академияи Хадамоти федералии иҷрои ҷазои Русия, тоҷикон аз ин нуқтаи назар "чемпион" маҳсуб мегарданд. "Зинаи ифтихорӣ"-и дуввумро намояндагони Ӯзбекистон ишғол мекунанд, онҳо дар маҳбасҳои Русия 6 ҳазору 786 нафаранд. Украина бо 2964 ва Озарбойҷон бо 2846 шаҳрвандони маҳбусашон аз "лидерҳо" хеле "қафо мондаанд". Аммо чунин "сарварӣ" аз рӯйи шумора такя бар он аст, ки шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик аз 1 миллион нафар зиёдтар аст, дар муқоиса бо ин, шаҳрвандони Ӯзбекистон дар Русия, тибқи маълумоти мухталиф, аз се то панҷ миллион нафарро ташкил медиҳанд. Сеяки маҳбусони тоҷик бо ҷурми фурӯши маводи мухаддир зиндонӣ шудаанд.. Мо инро хоҳем нахоҳем, омезиши муҳоҷирони меҳнатӣ бо аҳолии маҳаллӣ сурат гирифта истодааст ва ин як амри табиист. Тибқи баъзе маълумот, ҳамасола зиёда аз 12 ҳазор тоҷикон ба Русия ворид мегарданд, дар Тоҷикистон бошад, "дузанагӣ"-и характери байналхалқӣ дошта авҷ мегирад. Ҷонишини сардори зиндони № 6 шаҳри Бежетски вилояти Твер ба Радиои "Озодӣ" хабар дод, ки дар зиндонаш 140 маҳбуси мусалмон қарор доранд, ки аз ин шумора 70 нафарашон шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд. "Агар дар соли 2015 вазъи иқтисодии Русия мураккаб шавад, ман фикр мекунам, ки шумораи зиёди муҳоҷирон оламиҷиноиро "пур" хоҳанд кард. Вақт барои "рақсҳои ором" нест. Бояд кор кард, бояд амал намуд", гуфтааст ӯ.

### ЗАМОНИ НАВ ТАЛАБОТИ НАВРО ТАҚОЗО ДОРАД

Мо бояд ҳоло дарки онро дошта бошем, ки бахри муҳоҷиронамон чӣ корҳое ба субут расондаем. Барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ-, содиркунандагони қувваи корӣ имрӯз зуҳуроти муҳоҷирбадбинӣ ба як мушкил табдил ёфтааст. Дар ин кишварҳо волидайн метарсанд фарзандонашонро ба хондан равон кунанд, гарчанде Русия ҷойҳои буҷавиро дар макотиби оливу миёнаи махсусаш ҷудо мекунад. Баръакс, шумораи донишҷӯёни тоҷике, ки дар мамолики Аврупо, Амрико, Чин, Ҷопон ва дигар кишварҳо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, меафзояд. Ба мансабҳои баланди давлатӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказии пасошӯравӣ акнун онҳое таъин шуда истодаанд, ки донишгоҳҳои аврупоиву амрикоиро хатм намудаанд. Ин талафот барои Русия паёмадҳои нохуб дошта, ба косташавии нуфузаш дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ мерасонад.

### ЗЕРИ ОТАШИ ДУТАРАФАИ "ҶАНГҲОИ ТАҲРИМӢ" МИЁНИ ИТТИҲОДИ АВРУПОВУ РУСИЯ

Тоҷикистону Русия айни замон дар масоили дуҷонибаву байналмилалӣ ҳамақида будаву бо якдигар шарикони боэтимоди стротегӣ ҳастанд. Дар воқеияти имрӯза Тоҷикистон ба Русия зиёдтар ниёз дорад, магар ин ки Русия ба Тоҷикистон. Аз рӯи маълумоти Хадамоти федералии муҳоҷирати Русия моҳи январи соли 2015 дар кишвар 999 ҳазору 132 шаҳрвандони Тоҷикистон қарор доштанд, ки аз ин шумора 182 ҳазору 262 нафарашонро занон ташкил додаанд. Аз ин шумор 95 ҳазору 396 ноболиғон ва 4168 нафарро ашхоси аз шастсола боло ташкил додаанд (ин маълумотро Вазорати меҳнати Тоҷикистон рад мекунад). Муҳоҷирони меҳнатӣ аслан барои дарёфти маблағ ба хориҷ мераванд ва шароити мусоиди маишӣ барои онҳо аҳамияти дувумдараҷаро дорост. Маблағ барои муҳоҷир асос аст.

Нисфи маоши фаррошони муҳоҷир дар Маскаву дигар шаҳрҳо аз ҷониби амалдорон дуздида мешавад. Инро ҳама медонанду бисёр менависанд, аммо то ҳол ягон парвандаи ҷиноӣ оғоз нашудаву ягон амалдор аз кор сабукдӯш нагардидааст.

### МУҲОҶИРАТ ДАР ПЕЧУТОБҲОИ БУҲРОН

Қазияи дигар ин аст: дар Русия чунин меҳисобанд ва ба чунин қароре омадаанд, ки муҳоҷирон ҳамавақт сабур мемонанду бе ягон саркашӣ ва бо маблағи ночиз корҳои "сиёҳро" иҷро хоҳанд намуд. Ба ин фикри сарвари фонди "Муҳоҷирати қарни 20", собиқ ҷонишини директори Хадамоти федералии муҳоҷиратии Русия Вячеслав Поставнин наметавон розӣ нашуд: "Ин ашхос (манзур муҳоҷирон аст. мутарҷим) кайҳо дар иқтисодиёти мо мавқеашонро мустаҳкам сохтаанд ва агар мо онҳоро аз он хориҷ кунем, моро суқути бисёр соҳаҳо интизор аст. Масалан, сохтмон, соҳаи маишӣ, хоҷагии манзиливу коммуналӣ ва амсоли инҳо. Деҳотҷойҳои мо, ки замоне Москавро бо коргарон таъмин мекарданд, ба буҳрони инсониву маънавӣ фурӯ рафтаанд, имрӯз мо намедонем коргаронро аз куҷо бигирем. Аллакай онҳое, ки метавонистанд, кайҳо ин ҷойҳоро баҳри зиндагии хубу шоиста тарк кардаанд. Мо дигар захираи корӣ надорем. Хамасола то як миллион нафар ба нафақа мебароянд, ба наздикӣ умуман коргар ёфтан амри маҳол мегардад. Шумо бубинед, ки дар кишвари мо киҳо ба сохтани иншооти баландсифати технологӣ машғул ҳастанд. Масалан, ҳамон қубурҳои нафтрасонро хитоиҳо месозанд, дар сохтмони Москва-Сити молдавиҳо фаъол буда, соҳаи хоҷагии манзиливу коммуналӣ зери инҳисори тоҷикон мебошад ва ғайраву ҳоказо. Мо имрӯз дорои чунин мутахассисон нестем. Ва чунин вазъ ҳоло хоси тамоми дунёст, аз раванди ҷаҳонишавӣ ҷои гурез нест. Хатто ҳамшираҳоро барои нигоҳубини ашхоси мубталои бемориҳои вазнин, ҳамонҳоро ҳам надорем. Дар ин самт мебояд таҷрибаи ҷаҳониро омӯхт, дидан даркор, ки дар дигар мамолик чӣ гуна аст ва ин таҷрибаро дар кишвари худамон пиёда сохт".

Мехоҳам ин ҷо суханони ҳунарманди маъруфи театру кино Леонид Броневойро биёрам:

"Мо, гуруснагон, пойлучон ва шабушкзадаҳоро дар солҳои вазнину мудҳиши ҷанг дар ҷамоҳири Осиёи Миёна қабул карданд. Тоҷикон, ӯзбекҳо, қазоқу қирғизҳо замоне муҳоҷиронро дар хонаҳои худ қабул намуда, нони охиринро бо ҳам медиданд. Акнун дар Маскав фарзандону наберагони онҳоро одам ҳисоб намекунанд, дар Киев ҳам, ман бовар дорам, онҳоро дида, назарбаландона бинӣ турш карда, таҳқиромез "гастарбайтер" меноманд. Ман пурсиданиям: Чаро мо- русҳо, ба ин "гастарбайтерҳо" барои ёрии як замоне ба гурезагони мо расонидаашон, барои одамгариашон имрӯз ҳисобӣ накунем, ба онҳо ҷуброн надиҳем, аз ҳамон даромадҳои нафтӣ? Наход ҳамон вақт, ҳамон солҳои вазнин барои онҳо осон буд гурезаҳоро нигоҳубин кардан? Ё ягон нафар чунин меҳисобад, ки кӯча рӯфтану девор андова кардан ягона корҳое ҳастанд, ки ин "гастарбайтерҳо" қодиранд? Агар чунин аст, маълум мегардад, ки мо, ғолибон, аз ин дидгоҳи назар аз ҳамон фашистоне, ки миллатҳоро ба нажоди оливу паст ҷудо мекарданд, беҳтар нестем".

### ПАГОҲ ДЕР ХОҲАД ШУД...

Мо бояд дар ин самт раванди таълимиву маърифатиро оғоз ва пурзӯр намоем. Аз боғчаи кӯдакон то донишгоҳ ҷавононро бояд тарбият дод, то ин ки онҳо ба ҳаёти мустақилона чӣ дар доҳили кишвар, чӣ берун аз он омода бошанд. Чӣ қадаре, ки кор бо муҳоҷирон босифату хуб ба роҳ монда шуда бошад, ҳамон қадар ин ба манфиати давлат аст. Барои он ки раванди муҳоҷират ба танзим дароварда шавад, ба Тоҷикистону Русия зарур аст воқеиятро бо чашми муҳоҷир бубинанд, вазъро бо идроки муҳоҷир баҳо бидиҳанд ва қарорҳоро такя ба манфиати муҳоҷирон қабул намоянд. Мо бояд сиёсати таҳлиливу маълумотиро куллан тағйир бидиҳем. Масалан, дар Украинаву Русия бояд "артиши интернетӣ" ташкил намуд, ки маълумоти воқеӣ нисбати Тоҷикистонро паҳн ва ё баръакс, хабарҳои бардурӯғро инкор кунад. Мо бояд худро тарғибу ташвиқ кунем, вагарна моро ҳамеша ҳамчун ҳамон «ҷамшудҳо» қабул хоҳанд кард.

### НАСЛИ НАВИ МУҲОҶИРОН

Аммо бовар ба он дорам, ки мо ва муҳоҷирони моро дар пеш танҳо хушиҳо интизоранд. Ин бо он шарте хоҳад буд, ки агар мо худамон бихоҳем. Насли нави муҳоҷирон рӯи кор омада истодааст ва мо бояд имрӯз ба ин омода бошем. Вақти он расидааст, ки оиди қазияи муҳоҷират дар кишвар баҳсу мунозираҳои умумимиллӣ созмон дода шаванд. Набояд аз ин тарсид ва шарм кард, бояд муҳоҷиратро ба маҷрои тараққиёти иқтисодӣ равона намуда, онро барои омода кардани мутахассисон истифода бурд. Русия дар ин самт барои кишвари мо ҳамчун майдони омодасозии мутахассисон ва баланд бардоштани сатҳи маърифативу фарҳангии шаҳрвандонамон хидмат мекунад. Муҳоҷирати тоҷикро танҳо бо шарти ҳамкориҳои муштарак бо Русия ба танзим даровардан мумкин аст ва ин амри зарурист. Мо бояд дар ин бобат ба таърихи муштараки худ низ такя кунем, чун тамоми бурду бохти мо асосан бо даврони Шӯравӣ алоқаманд мебошад. Масалан, мо нисбати ашхосе, ки аз минтақаҳои ҷангзада ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шудаанд, хеле маълумоти кам дорем. Шумораи онҳо дар ҷумҳурии мо ба 80 ҳазор нафар мерасид. Бояд ин далели таърихиро дақиқ омӯхт ва осорхонаи эвакуатсияро ташкил дод. Ҳамчунин оиди ин масъала мебояд мизҳои мудаввар баргузор намуд, филмҳо рӯйи навор овард ва дар шабакаи ҷаҳонии интернет саҳифаи махсусро кушод, то ин ки ҳамчун майдони лоиҳаҳои нав хидмат кунад. Ба ман суханони рӯзноманигори рус Антон Красовский писанд омаданд, ки гуфтааст: "Ман рус ва ман аврупоиям. Ман мехоҳам, ки тоҷик, ҳабашӣ ва муғул дар кишвари ман тарси онро надошта бошанд, ки ба кӯча бароянд. Чунки ман рус ва аврупоиям".

**Раҳмон УЛМАСОВ,**
*доктори илмҳои иқтисодӣ*

*Аз русӣ тарҷумаи*
**Азамат ДӮСТОВ**

# КОРВОНИ МАҚСУД

## Ё СИПОСЕ АЗ САРВАРИ МАМЛАКАТ

***Чун ҳамеша аҳли хонавода огози шаб дар як ҳуҷра нишаста аз ҳар хусус суҳбат мекунем. Падарам ба ман гуфтанд, «духтарам чанд рӯз пеш Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиёни ватан мулоқот дошт ва он ҷо ба масъалаи номгузорӣ ба фарзанд эътибор зоҳир намуд ва таъкид кард, ки нисбати ин масъала набояд бетараф бошем. Духтарам, имрӯз дар Тоҷикистон китобҳои номнома ҳастанд, аммо дар онҳо ном ва маънии он бо як ду синонимаш омадааст,чи мешуд, ки ту як номномаеро тартиб диҳӣ, ки дар он маънои номҳо бо муродифоташон сабт гарданд, ҳамзамон дар он фарҳанг барои баёни возеҳи маъонӣ асноди шеърӣ биоварӣ.»***

**МАН** он вақт духтараки 16-сола будам ва боре ба чунин корҳо даст назада, гуфтам: «-Падар, оё ман метавониста бошам, оғоз бахшидану машғул будан ва анҷом расонидани ин амалро бо тавфиқ, бидуни иштибоҳ ва дур аз мушкилот?» Падарам бо эътимод гуфтанд, «албатта метавонӣ, агар қасди коре дориву ба мақсад расидан хоҳӣ, бешак чун сайъ намоӣ ба манзили мақсуд хоҳӣ расид. Аммо ҳеҷ фарде аз хато орӣ нест ва то коре накард хато ҳам намекунад. Фарзона, фаромӯш макун, ки ҳеҷ амале вуҷуд надорад, ки мушкилӣ надошта бошад, танҳо сабр, истодагарӣ, меҳнати самимӣ, ирода ва кӯшишу дониш мушкилиҳоро бартараф менамоянд.» Ин суханони падари арҷмандам буданд, ки дар дилам муроде тавлид ёфт, таълифи китобе бо унвони "Фарҳанги ном". Бо дастуру раҳнамоии падари азизам ба ин кор ибтидо бахшидам. Вале пеш аз ибтидо аз оғоз равшан буд, ки ин корест пурмасъул ва мураккаб, вале фикр намекардам, ки барои анҷоми ин амал маро як, ду ва ё се сол на, балки шаш сол лозим меояд. Бояд зикр намуд онро, ки дар гузашта мураттибони аввалин фарҳангҳои тоҷикӣ кӯшиш намудаанд, то дар фарҳангномаҳояшон номҳои ашхос ҷой гирифта бошанд. "Луғати Фурс" - и Асадии Тӯсӣ, ки нахустфарҳанги адаби форсу тоҷик ба ҳисоб меравад, дорандаи ин сифат будааст. "Луғати Фурс" ба қалами ҳамин шоири пуртавон тааллуқ дорад ва дар солҳои 70 -и асри XI иншо шуда, то имрӯз шаш нусхаи дастнависи он маълум аст. Фарҳанг анқариб 1200 воҳиди луғавиро фаро гирифта, асноди шоҳид аз 77 нафар шуарои асри X ва аввали асри XI -и Моварооуннаҳру Хуросон, ки 1335 байтро ташкил мекунад, иборат аст.




Ҳамин тавр давоми шаш сол бисёр сарчашмаҳои муътамадро варақгардон кардам то оғоз бахшидан ба таълифи "Фарҳанги ном". Албатта, танҳо бо варақ задан наметавон фарҳанг тартиб дод. Аввалан саҳифоти ин кутуб мактаби бузурге буданд барои иншои фарҳанги номбурда. Аз сарчашмаҳо номҳо интихоб гардиданд. Дар номномаҳое, ки пеш аз оғози таълифи ин "Фарҳанги ном" назар афкандам, ном ва маънояш омадаасту бас. Чун падарам бисёр мехостанд, ки ин "Фарҳанги ном" аз дигар фарҳангҳои ном ва ё номномаҳое ки қаблан рӯи чоп омада буданд, ба куллӣ фарқ дошта бошад, тасмим гирифтам то дар ин китоб ҳам ба ҷиҳати этимологӣ эътибор зоҳир намоям, ҳам кӯшиш намудам то ба шакли мукаммал маънии як ном дар ин фарҳанг тавзеҳ гардида бошад. Ҳамчунин дар фарҳанг байтҳои шоҳид гирд оварда шудаанд, ки барои равшантар намудани маъонӣ мусоидат мекунад.

Хилоли ин шаш соле, ки ман ин фарҳангро таълиф намудам, дар зеҳнам чизҳои навро сабт кардам, ки раҳнамои ман дар ҷодаи илм хоҳанд шуд. Марҳилаи мураттаб сохтани "Фарҳанги ном"-ро барои худам мактаби бузург меҳисобам. Зеро дар ҳини таълифи ин китоб бо ашхоси зиёде ҳамкорӣ пайдо кардам. Олимони хирадпешаи диёр чун Носирҷон Салимов, Нуруллохон Ғиёсов, Абдуҷҷаббори Суруш, Нуралӣ Нуров маслиҳатдеҳи беминнат ва дастгири беназир дар ин ҷода буданд. Ман сипоси фаровон ва муҳаббати беолоиш ва икроми беандозаи хешро ба ҳамаи он нафароне, ки ҳатто кучактарин маслиҳати хешро барои камина дареғ надоштанд, нисор месозам. Он ҳама лутфу меҳрубониҳое, ки аз ҷониби олимони кишвар нисбати кори банда арза гардиданд, як сабақе буд то дарк намоям, ки бузургии эшон аз бузургии дили онон падид омада аст. Ин ҷо ҷоиз ба ёд кардан мешуморам, ки дар радифи ин родмардон як фарди дигаре ҳаст, ки бо ҳама шукуҳу шаҳомат ва мақому манзалати хеш шахси заминист ва маҳз ҷавҳари суханони ин марди хирад буданд, ки ин китоб таълиф ва омодаи чоп гардид ва маҳз лутфу эҳсонаш буд, ки "Фарҳанги ном" дар нашриёти бонуфузи кишвар, нашриёти "Адиб" рӯи чоп омад. Манзури банда Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳаст. Ҳеҷ аз хотирам дур намеравад он рӯзе, ки Сарвари кишвари маҳбубам Тоҷикистон ваъда намуда буданд, ки ин китоб ҳатман бо дастгирии эшон чоп хоҳад шуд. Ҳеҷ шодиам поён намеёбад аз он ки имрӯз ба ин ваъдаи худ Сарвари арҷманди ватан вафо кард ва бо забони худаш ин хабарро ба ман иттилоъ дод. "Фарҳанги ном"-и ман дар нашриёти "Адиб" бо теъдоди 5000 нусха чоп гардид. Ин иқдоми Ҷаноби Олӣ дарак аз он медиҳад, ки ӯ дар ҳақиқат инсони маърифатдӯст ва маърифатпарвар аст. Ин амали ӯ тамоми ҷавононе, ки равони роҳи илм ҳастанд, илҳоми тоза ва иродаи мустаҳкам мебахшад.

Имрӯзҳо бо илҳоми тоза дар ба иншои китоби нав "Фарханги номҳои мавзеъ ва макони Тоҷикистон" оғоз кардаам, ки баъди чанд сол омода хоҳад шуд Дар интиҳо арзи сипоси ман ба Президенти мамлакат барои меҳрубониву дастгирии бемонанд ва беандозаи эшон.

Барои он нафароне, ки "Фарҳанги ном"-и ман дастраси онон гардида гуфтаниам:

***Бипӯш агар ба хатое***
***расиву таъна мазан,***
***Ки ҳеҷ нафси башар орӣ***
***аз хато набувад.***
***Пои малахе назди***
***Сулаймон бурдан,***
***Айб аст, валекин ҳунар аст***
***аз мӯре.***

**Фарзона духти САИДУМРОН,**
*унвонҷӯи ДДХ*

Минбари халқ
1 апрели соли 2015,
№14 (993)

*Дар даврони Шӯравӣ дар маркази вилояти Бадахшон корхонаҳои саноатӣ хеле кам буданд, танҳо 3-4 корхона бо ном вуҷуд дошту халос. Гирем,корхонаи гӯшту шир, масолеҳи оҳану бетонӣ, фабрикаи дӯзандагӣ, дар маҷмӯъ ҳамин қадар буданд ва ҳамаи онҳо то дараҷае хурд буданд, ки аз сех фарқ надоштанд. Аммо он солҳо яке аз корхонаҳои калонтарини маркази вилоят Иттиҳодияи матбааҳои вилоятӣ буд,ки дар маҷмӯъ беш аз 180 коргар дошт. Дар матбаа на танҳо кулли рӯзномаҳои навоҳию вилоятӣ,балки когазҳои кории (бланкаҳо) идораю корхонаҳо, китобҳо,журналҳои мактабию коргарӣ ва ғайраро чоп мекарданду сифаташ ҳам баланд буд,зеро дар ин ҷо баробари дастгоҳҳои нав коргарону мутахассисони соҳибтаҷрибаю соҳибдониш фаъолият доштанд.*



# МАТБАА ВАЙРОНУ РӮЗНОМАНИГОРОН САРСОН

**БАЪДИ** пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Иттиҳодияи матбааҳои вилоятӣ то дараҷае муфлис шуд, ки дар чанд соли охир ҳатто ягона рӯзномаи вилоятӣ "Бадахшон"-и нашрияи Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, гоҳе дар Хоруғу бештари вақт дар шаҳри Душанбе интишор меёбад. Рӯзнома дар фасли тобистон сари вақт ба дасти хонанда мерасид. Аммо аз оғози хусусигардонӣ биноҳои Иттиҳодияи матбааҳои вилоятӣ хеле хароб гардид. Охири тирамоҳу 3 моҳи зимистон ва ибтидои баҳор,хуллас, то моҳи май рӯзнома бо ҳазору сад мушкилӣ, гоҳ тариқи мошинаҳои мусофирбари хатсайри Душанбе- Хоруғ ва гоҳ тариқи мошинаҳои боркаш бо мушкилӣ ба Хоруғ оварда мешавад. Нашрияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб "Сарикол" дар қаламрави Қирғизистон интишор меёбад. Дигар рӯзномаҳои навоҳии вилоят дар шаҳри Душанбе чоп мешаванд. Ҳамзамон чунин амал мушкилоти зиёдеро рӯи кор меорад,зеро барои ба пойтахт рафтану омадан маблағи зиёд харҷ мешавад,дар холе,ки нашрияҳо чунин иқтидор надоранд..

Чаро чунин вазъият рӯи кор омадааст? Чаро вазъи чунин коргоҳи азим якбора хароб гардидаву теъдоди коргарон аз 180 ба 9 нафар расид ва ҳамаи онҳо низ аз 1-уми моҳи феврали соли ҷорӣ ба рухсатии бемузду бемуҳлат фиристонида шуданду фаъолияти корхона ба сифр баробар шуд?

Дар ҳоле, ки дар навоҳии гуногуни ҷумҳурӣ ҳатто дар деҳот барои 2000-3000 нафар коргар коргоҳҳо бунёд мешаванду бекоронро бо ҷои кор таъмин менамоянд,дар шаҳри Хоруғ баръакс, ҳатто коргоҳҳои мавҷуди истеҳсолӣ муфлис мешаванд.

Асли қазия чунин аст. Дар он аз роҳбарони корхона то сарпарастон беҷурм нестанд, яъне назорат аз тарафи онҳо суст аст. Имрӯз дар корхона чун гузашта мутахассисони пухтаи соҳа, ки дастгоҳҳоро ба кулли ҷузъиёташ сарфаҳм раванд, хеле каманд,- чун корхона ба харобӣ рӯй овард, мутахассисон ҷои корашонро иваз карда,ба ҷойҳои дигар, аз ҷумла шаҳри Душанбею Русия рафтанд. Қайд бояд кард, ки давлат барои беҳтар кардани вазъи таъбу нашр талош мекунад.

Дар як муддати кӯтоҳ бо маблағҳои калон ду маротиба дастгоҳҳо харида шуданд, аммо ҳар ду бор ҳам кӯтоҳумр буд. Тавре муҳосиби ин коргоҳ ,ки солҳои тӯлонӣ дар ин ҷо кор мекунад- Тӯтинисо Гиёҳева гуфт: - Дар даврони Шӯравӣ дар Иттиҳодияи матбааҳои вилоят дастгоҳҳои пуриқтидори вақт - ПД, ПС, «Виктория», «Тигел» мавҷуд буданд. Онҳо солҳои дароз, ҳатто дар даврони истиқлолият ҳам, хуллас,то соли 2005 кор карданду оқибат корношоям шуданд.

Бесарусомонӣ дар Иттиҳодияи матбааҳои вилоят маҳз аз ҳамон вақт, яъне соли 2005 сар шуд. Он сол ба маблағи 150 ҳазор сомонӣ аз шаҳри Душанбе, аз ширкати "Эр-граф" дастгоҳи чопии Доминан-724 бо кулли ҷузъиёташ харида шуд. Дастгоҳ, ки куҳна буд, тез-тез вайрон мешуд. Дар ин муддат аз шаҳри Душанбе устоҳо омада, таъмир мекарданд боз баъди чанд муддат дар дастгоҳ нуқсоне пайдо мешуд. Бар асоси ҳисоботи расмӣ то соли 2009 беш аз 7000 сомонӣ барои таъмир сарф шуд. Баъди 4 сол,аниқтараш соли 2009 бо ибтикору имдоди Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва Бунёди Оғохон бо маблағи 13 ҳазор доллар аз Чин дастгоҳи чопии "Хамада" харида шуд. Аз кадом сабабе буд, ки дастгоҳро на намояндаи Иттиҳодияи матбааҳои вилоят, балки намояндаи Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ аз Чин овард ва ҳайратовараш боз он буд,ки дастгоҳро дар шаҳри Хоруғ ба мо насупориданду рост ба Душанбе burданд. Дар ҳоле,ки роҳи мошинагарди Душанбе- Қулма аз дохили маркази вилоят мегузашт.

Дастгоҳро баъди чанд вақт боз аз шаҳри Душанбе кашола карда, ба Хоруғ оварданд. Вақте аз Душанбе дастгоҳро ба Иттиҳодияи матбааҳои вилоят оварданд, пайдо гашт, ки дар он кадом як нуқсони ҷиддие аст, хуллас, коргарони мо бо азоб дар он 4-5 моҳ кор карданду он вайрон шуд.Ба Душанбе телефон карданд, усто омаду таъмир кард ва бо ҳамин таъмири пай дар пай дастгоҳ то соли 2014 ба заҳмати беш кор мекарду ниҳоят аз кор монд. Дастгоҳи аввал 4 сол ва дастгоҳи дуввум 5 сол ба зӯр кор кард.

Таи як сол аст, ки Азимҷон Вафодоров дар вазифаи сардори ин муассиса фаъолият дорад. Мазкур ба чаҳор тараф мактуб менависаду имдод мепурсад, аммо ҳанӯз ба мурод нарасидааст.

Мавсуф мегӯяд,ки январи соли 2014 маро чун мутахассиси соҳа ба дастгоҳи раиси ВМКБ даъват намуда, хоҳиш карданд, ки матбааи вилоятиро барқарор намоям. Ва илова карданд,ки ба хотири харидани таҷҳизоту таъмири бино Вазорати фарҳанг маблағро ҷудо менамояд.

***Дар муддати як моҳ дастгоҳҳои интишории "Хамада" ва "Доминант - 724"-ро бо имдоди коргарон аз таъмир баровардам. Ба нашри рӯзномаи "Бадахшон" сар кардем. Дар ин вақт дастгоҳи чопии "Рамаёр"-ро низ аз таъмир баровардa, ба чопи бланкҳо оғоз намудем. Аммо фаъолияти дастгоҳҳо дер давом накард, зеро онҳо фарсуда буданд. Минбаъд қудрати мо ба таъмири онҳо нарасид. Аз он вақт беш аз як сол сипарӣ шуд, аммо аз маблағ ҳанӯз дараке нест. Даводавҳоям низ суде ба бор наоварданд.***

Аз собиқ бинои корхонаи азим имрӯз дар ихтиёри Иттиҳодияи матбааҳои вилоят қариб чизе намондааст. Солҳои 2009 ё соли 2010 буд Вазорати фарҳанг ба ҷои он ки дар рӯзҳои мушкили Иттиҳодияи матбааҳои вилоят ба он мадад расонад,баръакс, ошёнаи дуюми бинои асосиро ройгон ба ихтиёри Шуъбаи фарҳанги вилоят дод. Аз ин амал барои ин муассиса ягон дирам фоидае нарасид.Имрӯз дар ошёнаи дуюм ду сех ва утоқи кории муҳосибот қарор дорад. Ба гуфтаи Тутинисо Гиёҳева, роҳбарияти Шуъбаи фарҳанг аз онҳо хоҳиш менамояд, ки ин утоқҳоро низ холӣ намоянд. Ба хотири муфлис нашудани корхона ва дар паи муроҷиати чандинкаратаи сардори Иттиҳодияи матбааҳои вилоят ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояту Вазорати фарҳанг мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят комиссияи вижагиро ташкил дод. Комиссия ба хулосае омад,ки агар дар вақтҳои наздик ба матбаа мадад расонида нашавад, он комилан аз фаъолият бозмемонад.Имрӯз нархи дастгоҳҳои матбаа хеле гарон аст ва Мақомоти маҳаллӣ қудрати пардохти чунин маблағро надорад.

Коршиносони соҳа бар онанд, ки аз ҳисоби кадом маблағе,ки набошад, барои матбаа бояд ҳатман дастгоҳи чопӣ харида, биноро қадре таъмир бояд кунанд. Зеро он дар тӯли 40 соли бунёдаш боре ҳам рӯи таъмирро надидааст. Роҳбарияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар ин боб ба Вазорати фарҳанг мактуб ирсол намудааст. Ба гуфтаи сардори Иттиҳодияи матбааҳои вилоят Азимҷон Вафодоров, дар ин нома омадааст, ки барои пурра ба кор даровардани муассисаи номбурда бо ҳисоби пешакӣ 1млн. 900 ҳазор сомонӣ лозим аст.

Масъалаи фаъол кардани Иттиҳодияи матбааҳои ВМКБ аз чопи рӯзномаи "Бадахшон"-у нашрияҳои навоҳии вилоят дида, муҳимтар аст. Аввалан теъдоди беши одамон бо кори доимӣ таъмин мешаванд. Баъдан, дар даврони Шӯравӣ ба хотири барои мардуми Бадахшон нашр намудани рӯзномаҳои Маскав дар Иттиҳодияи матбааҳои вилоят бинои дуошёнаи махсус бунёд гардид, аммо ҳамзамон бо истифодаи он давлати Шӯравӣ барҳам хӯрд. Имрӯз ин бино дар ихтиёри Иттиҳодияи матбааҳои вилоят нест. Он кайҳо хусусӣ ва моли дигарон гардидааст.

Аммо дар эҳёи матбаа ҳатман тадбиреро андешидан лозим аст, зеро имрӯз бахши хабаррасонӣ дар Бадахшон хеле зайиф аст.Тасаввур кунед, ки ягона рӯзномаи вилоятӣ дар шаҳри Душанбе интишор меёбад. Пайдост,ки на ҳамеша сари вақт ба дасти хонанда мерасад. Вазъи рӯзномаҳои ноҳиявӣ низ аз нашрияи " Бадахшон" беҳтар нест. Рӯзномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум", "Народная газета", "Минбари халқ"-ро хонанда баъди 3 ҳафта ё 1 моҳ мегирад. Аз ин лиҳоз дар Иттиҳодияи матбааҳои вилоят бояд интишори рӯзномаҳои асосии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад, то мардум имкони ҳар субҳ харидани рӯзномаҳоро дошта бошад. Бояд дар ёд дошт, ки омили асосии баъзе каҷравиҳои ҷавонон аз ҷумла ин камбудии фазои иттилоотӣ аст. Дар роҳи огоҳиву худшиносӣ ҷои рӯзномаву китобро на телевизион мегираду на родиёву на интернет. Меҳри ҷавононро бояд ба хондани рӯзномаҳо бедор намоем,ба ин хотир матбаа лозим аст. Аз рӯзномаҳо дур мондани ҷавонон фоли нек нест. Имрӯз таъсири рӯзномаҳои ғайридавлатӣ ба ҷавонон хеле зиёд аст, зеро онҳо баъди як рӯзи дар Душанбе чоп шуданашон ворили Бадахшон мегарданд. Дар Матбааи вилоятӣ бояд дастгоҳҳое гузошта шавад, ки на танҳо рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявиро интишор диҳанд, балки қудрати чопи рӯзномаҳои "Ҷумҳурият",Садои мардум", "Народная газета" ва "Минбари халқ"-ро дошта бошанд.

**Лутфишоҳи ДОДО**

# Шаш дақиқа аз зиндагӣ то марг

## Шукрона ангезаи худкуширо бо худ бурд.

**САҲАРИ ҶУМЪА ВА ИН ХАБАРИ НОХУШ**

**ХАБАРИ** марги муфоҷои Шукрона саҳари ҷумъа дар деҳаи Роҳатӣ барқвор паҳн шуд. Муаллимон ва хонандагони мактаби деҳа, ки Шукронаи Аслам он ҷо таҳсил мекард, низ дар радифи аввалинҳо аз ин ҳодиса огоҳ шуданд. Он саҳар ба ҷои ин духтараки шӯху бебок хабари маргаш аз дарвозаи мактаб ба ҳавлӣ ва синфхонаҳо бо сиёҳӣ ва ваҳшат ворид шуд.

Мудири мактаб Сияр Бердиев бо ин ҳама паҳлавонсуратии худ бо шунидани хабари ин фоҷиа эҳсоси нотавонӣ ва бечорагӣ кард. Балки дар он лаҳза тамоми муаллимон ва шогирдони мактабро чунин як эҳсос фаро гирифта буд.

"Чаро?" ва "чӣ тавр?" аз маъмултарин саволе буд, ки он саҳар ҳар нафаре, ки хонаводаи Аслам, Шукрона ва фарзандони дигари ин оиларо медонистанд, ба якдигар медоданд.

Он пагоҳӣ дар синфхонаҳои ин мактаб, ки қариб ду ҳазор нафар хонанда дорад, мавзӯи суҳбат тавсиф ва ёдоварӣ аз ин духтари ғӯрамарг буд. Вай имсол синфи нуҳумро мебоист хатм мекард.

**АЗ ДИГАРОН ФАРҚ МЕКАРД**

**ИН** гапро баъди маргаш қариб ҳама мегӯяд. Ба монанди писарҳо боҷасорат буданашро борҳо аҳли хонавода ва ҳамсинфонаш мушоҳида кардаанд.

Вай дар дарси варзиш бештар фаъол буд. Дар ҳоле ки духтарони ҳамсинфаш ибо мекарданд, вай бо пойафзоли варзишӣ *(макасин)* ба мактаб меомад. Бо тафовут аз ҳамаи духтарони синфҳои болоӣ ба ҷои сумкаи духтарона бо рюкзак *(ҷувздони варзишӣ)* ба дарс меомад ва бандҳои онро ба монанди писарҳо беибо ба ду китфаш андохта ба синф медаромад.

Дар ёди ҳамсинфон дигар барои абад ин хотираи ҷигарсӯз монда, ки мегӯянд: - Шукрона дар рӯзи панҷшанбе ба бисёриҳо аз ашёи мактабии худ ҳадяҳое дод.

Вақте ҳамсинфон аз ӯ мепурсиданд ,ки **"барои чӣ?"** бо ханда посух медод, ки "барои ёдоварӣ".

Магар ӯ худро ба маргу сафари бебозгашт тайёр мекард?

**ШУКРОНА ТОБИСТОН БО ПАДАР ХИШТ РЕХТА БУД...**

**ОИЛАИ** Аслам манзили нав бунёд карда ва ҳоло кори зиёде барои такмили он дар пеш аст.

Тобистони гузашта барои бахше аз корҳои сохту соз хишт рехтан лозим шуд ва чун падар азми хиштрезӣ кард, Шукрона ҳам ба ӯ дастёр шуд. Ҳарду бо ёрдами дигар аъзои хонавода хеле хишт рехтанд.

Падар бо меҳрубонӣ мегуфт: - Ман ду писар дорам, дувумӣ ҳамин Шукрона аст.

Ин ном ҳам барои оилаи Аслам ҳикмате дорад. Дар хонавода як писар ва чаҳор духтар таваллуд шуду ба нишони шукргузорӣ аз таваллуди ӯ номашро Шукрона гузоштанд ва интизори боз як писар шуданд.

Аммо гардонандаи замин ва осмонҳо пас аз ӯ ба ин хонавода боз духтар ато кард. Ва Шукрона фарзанде шуд, ки қариб хама корҳое, ки як писар бояд анҷом медод ба сомон мерасонд.

**ТАҲҚИҚ ДАР ИН ФОҶИА АНГЕЗАИ ҶИНОЯТРО ПАЙДО НАКАРД**

**БОЗРАСИИ** ин ҳодиса, ки аз сӯи кормандони шуъбачаи 2-и ШКД-и ноҳияи Рӯдакӣ ба таври фаврӣ ва дар дақиқаҳои аввали ин ҳодиса анҷом шуд, кадом сабаб ва ангезаи ҷиноӣ доштани онро маълум накард. Бозрасон дар пайи ин ҳодиса даҳҳо нафар, аз ҷумла пайвандон, хешу табор, муаллимон, ҳамсинфон ва дугонаҳои марҳумро мавриди пурсиш қарор доданд, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо дар мавриди ин воқеа далели шубҳаноке баён накарданд.

Ташхиси ҷасади наҳифи Шукрона дар манзили мотамзада тавассути мутахассис бо ҳузури наздикон анҷом шуд, низ маълум кард, ки ҷисми духтар пок ва беолоиш аст.

**ХУД БА ПЕШВОЗИ МАРГ РАФТА БУД**

**МОДАРАШ** нақл карда, ки ҳар саҳар ӯро аз хоб бедор мекард, вале он саҳар худаш аз хоб хестааст. Модар умедвор будааст, ки духтараш барои ба мактаб рафтан омода мешавад. Модар ба кори худ ва духтар гирифтор дар қабзаи дастони марги бераҳм. Модар бехабар аз вазъияти фарзанд дар ҳоле, ки марг ба нармӣ сари ӯро сила мекард ва ба сӯи худ мехонд ва мебурд ба ҷои хилват.

Модар чун дид, ки вақти ба мактаб рафтан ҳам мегузарад, вале Шукрона ҳеҷ аз ҳоҷатхона берун намеояд, гапҳое гуфту башаст ба он сӯ рафт.

Он ҷо духтараш худро ба танобе овехта буд. Гуфтанд, ки ин банд дар хонаашон набуд ва баъдтар маълум шуд, ки ӯ онро рӯзе пеш аз хонаи момояш бо худ овардааст.

Дар паи ташхиси ҷасад маълум шуд, ки аз дами овехтан то расидани марг шаш дақиқа вақт гузаштааст...Дақиқаҳое байни ҳастӣ ва нестӣ. Фосилае, ки марг як духтари 16 -соларо бо ҳама орзу ва ормонаш аз домани зиндагии ширин баргирифт ва бо худ бурд.

...Бибӣ Саидабегим аз занони фаъоли маҳалла ва шахсе, ки худ ҷасади Шукронаро шуста кафан кардааст, нақл мекунад, ки он рӯз ҳама мегиристанд.

Дар баробари калонсолон мактаббачаҳо даста - даста ба хонаи ин ҳамсоли худ меомаданд ва ҳама гирён буданд. Касе намедонист, ки ба ин духтар чӣ шуд, ки худро чунин кард ва доғҳое дар дили даҳҳо нафар гузошта рафт.

Ӯ мегӯяд: - Намедонам, каси дигаре дид ва диққат кард, аммо ман рӯзномаи Шукронаро аз сумкааш гирифта дидам. Дар он рӯзи панҷшанбе яъне як рӯзи пеш аз маргаш чизе навиштагӣ набуд. Аммо муаллимон мегӯянд, ки вай он рӯз дар мактаб буд ва барои ёдоварӣ ба ҳамсинфон чизҳояшро ҳадя медод.

Ин зан, ки худ ғамшарики ин хонавода аст, марги Шукронаро ба фаъолияти ҷину парӣ вобаста медонад. Вай бовар дорад, ки ин ду қувваи бадӣ ҳамеша ба ҷавонон кор доранд ва ба ҳар васила ба чунин ҳодисаҳое гирифторашон мекунанд.

Вай мегӯяд:- Аз марг ҳеҷ кас роҳи гурез надорад аммо калонсолон ба авзои фарзандони болиғи худ бояд таваҷҷуҳ дошта бошанд ва ононро дар гӯшаҳои ифлос ва сиёҳи манзилҳояшон (ошхона, ҳоҷатхона, ҳезумхона ва оғил), ки макони ҷину парӣ аст, танҳо нагузоранд.

Султон Холмуродзода, муаллими мактаби деҳаро пас аз як рӯзи ин ҳодиса, ки якшанбе буд ба вақти хона ба хона гаштану бо падар ва модарони духтарон суҳбат кардан дидам.

Ӯ хастаҳол буд. Марги Шукронаро таконе барои ҳам муаллимон ва ҳам хонандагон донист.

Вай гуфт: - Чунин як ҳодисаро мактаб ва деҳаи мо дар солҳои ахир надида буд. Бесабаб худкушӣ кардани як толибаи фаъол барои мо хеле ғамангез аст.



**АНДЕШАИ КОРШИНОС**

**МУҲАММАДӢ** Муинов, ҷомеашинос ва таҳлилгари масоили ахлоқӣ бар ин ақида аст, ки мушкилиҳои иҷтимоӣ, нобаробариҳои зиндагӣ метавонад боиси шиддат гирифтани афсурдагӣ ва дилбезорӣ аз ҳаёт бошад. Аммо, ба гуфтаи ӯ ин ангезаҳо камтар ба рӯҳияи ҷавонон таъсиргузор буда, онҳо бештар зери нуфузи филмҳои хориҷӣ ва тамосу паёмакҳои телефонӣ қарор мегиранд. Ҷавонон ба тақлид аз ин филмҳо на танҳо тарзи либоспӯшӣ ва ороиши рӯю мӯйро ёд мегиранд, балки боз мехоҳанд ба монанди он персонажҳо зиндагии зебое дошта бошанд.

Вай таъкид кард, ки ба намоиш гузоштани зиндагии бисёр муҷалло дар ин гуна филмҳои беаввалу охир, савори мошинҳои қимат будани ҷавонони қаҳрамони ин сериалҳо ҳама ба ҳолати рӯҳии одамон, аз ҷумла бинандаи наврас ба тадриҷ таъсири худро мегузоранд.

Ӯ ҳамчунин афзуд, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, баъзе аз ҷавонони даст ба худкушизада аз ҷумлаи онҳое, ҳастанд ки "Қуръон" мехонанд ва бешак огоҳӣ доранд, ки чунин як амалро ин китоби муқаддас маҳкум мекунад.

Ба гуфтаи ӯ ин ҳам як муаммои дигар аст, ки бояд бодиққат таҳқиқ шавад.

...Тобути Шукронаи ҷавонмарг он рӯз дар масҷид паҳлӯи тобути модаре гузошта шуд, ки умри дарозе дида ва бо ҳукми тақдир бо марги табиӣ фавтида буд. Марги ин модар низ даҳҳо нафар пайвандонро дилхун карда буд.

Тобуте бо ҷасади як наврас ва дигаре бо тани модари бузургсолро тазоди зиндагӣ намешавад гуфт, балки воқеиятҳое ҳаст, ки гоҳе дар рӯзгори мо рух медиҳад.

Аммо ин воқеа шояд ҳушдоре ҳам буд, барои волидайн то аз вазъу ҳоли равонии фарзандон огоҳ бошанд, аз мушкилоташон пурсанд ва дар бораи зиндагӣ, орзуву ҳаваси фарзандон суҳбате кунанд.

Вагарна навҷавони дар чорсӯи зиндагӣ танҳо монда, мисли заврақе дар баҳри пурталотум аст, ки ҳар лаҳза хатари ғарқ шудан ба он таҳдид мекунад.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

# Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасон»



**Ҳамасола таҳти унвони Фестивали ҷумҳуриявии "Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон" аз 2 то 9 апрел, рӯзҳои байналмилалии китоби кӯдакон дар миқёси ҷумҳурӣ баргузор мегардад. Ба иттилои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади асосии чорабинии мазкур, тарғиб ва оммавигардонии хониш дар байни кӯдакону наврасон, ҷалб намудани таваҷҷуҳи насли наврас ба китобу хониш, ба китобхона ҳамчун маркази иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташаккули одат ва малакаҳои хониш ва дар ин замина мусоидат намудан ба такомули фарҳанги иттилоотии кӯдакону наврасон мебошад.**

**Манбаъ мегӯяд, вазифаи фестивал арҷгузорӣ ба мероси ниёгон, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, зебописандӣ, худшиносӣ, ифтихор аз Тоҷикистон, тарбияи ҳисси эҳтиром нисбат ба дастовардҳои замони истиқлол, муқаддасоти миллӣ, омодагӣ ба ҳифзи марзу буми Ватани азизамон Тоҷикистон мебошад.**

**Ҷамъбасти Фестивал 9 апрел дар Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36 баргузор мегардад.-афзуд манбаъ.**

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

*Ба муносибати 3000-солагии ноҳияи Ҳисор*

# ҲИСОР ДАР ТАҲҚИҚОТИ БОСТОНШИНОСОН

**Ниёгони мо дар тӯли ҳазорсолаҳои зиёд ва махсусан дар 3000 соли охир дар Моварounнаҳру Хуросон, шаҳру минтақа ва марказҳои зиёд тамаддуни худро бунёд кардаанд. Дар байни онҳо тамаддуни хосаеро бо номи Ҳисори Шодмон низ офарида, то ба мо расонидаанд, ки он аз фаъолияти бунёдкоронаи мардуми Шарқи куҳан шаҳодат медиҳад.**

**БОЯД** хотирнишон кард, ки таърихнигорони шӯравӣ ва тоҷик умри маданияти зироатпарварии Ҳисорро ба давраи асри нави санг (неолит) - ҳазорсолаҳои VI - II пеш аз милод нисбат медиҳанд. Мувофиқи пажӯҳиши донишманди тоҷик А.Мухторов дар он давра соҳаҳои тараққикардаи ҳунармандии Ҳисор - бофандагӣ, ресандагӣ, алочабофӣ, (матоъбофӣ) ва кордсозӣ хеле рушд ёфта буд.

Дар баробари ин водии Ҳисор бо чарогоҳу боғистон, заминҳои фарохи киштзор маъруф гашта, он ҳамчунин пурра бо обу ҳавояш барои аспппарварӣ мувофиқ буда, имрӯз низ ин асолати худро нигоҳ доштааст.

Ҳамзамон боиси ёддошт мебошад, ки мувофиқи маълумоти "Таърихи Табарӣ" ва "Ҳудуд -ул- олам"тавассути ин манотиқ ба дигар мулку кишварҳои дуру наздик аспҳо, гӯсфанд, ғаллаи бисёр ва меваҳои гуногун бурда мешуд. Ҳунари шишаю шишасозии Ҳисор низ дар ҷаҳон мавқеъ дошта, он ҳатто ба Чин бурда мешуд,зеро ки яке аз шохаҳои Роҳи бузурги абрешим аз Ҳисор мегузашт. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ бисёр сайёҳон, муаррихон ва тоҷирон аз ин мавзеи бостонӣ дидан карда,таассуроти худро навиштаанд. Яке аз шарқшиносони араб Миқдасӣ (асри X) шаҳри Шумонро "модари шаҳрҳо" ном бурдааст.

Дар бораи таъриху тамаддуни Ҳисори Шодмон на танҳо ба натиҷаҳои ковишҳои бостоншиносон, балки ба маълумоти муаррихони машҳури гузашта низ такя кардаанд, ки дар байни онҳо муаррих ва ҷуғрофияшиноси араб Ал-Яъқубӣ, Ат-Табарӣ ва муҳаққиқони дигар ҳастанд. Бо вуҷуди ин, танҳо дар солҳои 70-уми асри гузашта самтҳои асосии таҳқиқоти Қалъаи Ҳисор муайян карда шуд. Дар гузаштаи начандон дур ба таҳқиқи Ҳисори Шодмон олимони номдори шуравӣ ва Тоҷикистон машғул буданд, ки қисме аз онҳо дар мавзӯи робитаҳои хориҷии тамаддуни Ҳисори Шодмон пажӯҳиш мегузарониданд. Аз ҷумлаи чунин олимони таърихнигор Б.А.Литвинский буд, ки мавсуф мавзӯи яке аз таҳқиқоти худро "Таджикистан и Индия (примеры древних связей и контактов)" номгузорӣ карда, дар он дар бораи робитаҳои ин ду сарзамин сухан меравад, ки ба Ҳисори шодмон дахл дорад.

Олимони дигари сатҳи ҷаҳонӣ низ дар ин самт таҳқиқот намудаанд. Профессор Ричард Фрай дар асараш "Мероси Осиёи Марказӣ", чунин менигорад: **"Роҳи Бузурги Абрешим, ки ба Самарқанду Эрон ва Сурия меомад, аз қисмати сарҳадҳои шимолу ғарбии Чин оғоз шуда, ба воситаи биёбони Гоби ба дигар тараф пайваст мешуд. Роҳи дигаре, ки аз самти шарқӣ тариқи Дунхуан бо воситаи кӯҳҳои Нунлуну Хутан ва кӯҳистони Помир мегузашт, танҳо бо истифода аз уштурони дукӯҳонаи бохтарӣ имконпазир мешуд, ки хело пуртоқат буданд, асосан дар баҳор ва тирамоҳ тоҷирон тариқи кӯҳҳои Ҳисор ва кӯҳҳои дигар мерафтанд, зеро ҳавои мулоим, дастрасӣ ба ғизо ҳам барои худашон ва ҳам барои ҳайвонҳои боркаш, барои сафар мусоид буд". [17, 123].**

Дар байни он муҳаққиқоне, ки дар омӯзиши худ ба тамаддуни Ҳисори Шодмон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, олимони таърихнигор аз Чин, сарзамини Араб, Миср, Озарбойҷон, Русия, Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳастанд. Ин мисол шаҳодати он аст, ки шуҳрати таъриху тамаддуни Ҳисори Шодмон кайҳо боз аз доираи ҳудудҳои ҷуғрофии худ берун баромада, ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими тамаддуни Шарқи бостон ва асрҳои миёна боиси таваҷҷуҳи олимони хориҷӣ гардида будааст, ки ин беҳуда нест. Аз ин бозёфтҳо бармеояд, ки дар ҳазорсолаи I пеш аз милод ва асрҳои I - VI милодӣ Ҳисори Шодмон ободу зебо, яке аз марказҳои муҳими калони маъмурӣ, касбу ҳунар ва тиҷоратӣ дар замони мавҷудияти Бохтари қадим, Юнону Бохтар, Кушониёни Бузург ва Тахористон будааст. Ин хулоса аз натиҷаҳои идомаи ковишҳои бостонӣ дар охирҳои асри XX ва то имрӯз низ собит шуда истодааст.

Ҳамин тариқ, Ҳисор ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва муҳими Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои таърихи қадиму бостонӣ ва пурғановат ба шумор меравад. Чуноне ки 4 октябри соли 2011 Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ дар маҷлиси тантанавӣ дар шаҳраки Ҳисор ибрози андеша намуда, таъкид карда буданд: " Бо итминони комил гуфта метавонем, ки Ҳисор таърихи беш аз сеҳазорсола дошта, ҷузъи муҳимтарини таърихи пурғановати халқамон ва далели раднопазири яке аз миллатҳои қадимтарини ҷаҳон будани тоҷикон мебошад".

**Шервоншоҳ ҶАББОРОВ**, *корманди Осорхонаи миллии Тоҷикистон*



*Сокини деҳаи Зосуни ноҳияи Айнӣ Ҳоҷӣ Саидмирзо Бобокалонов, ки умре ронандаи мошин буд, ба ноҳияҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон сафарҳо карда, бо одамони зиёде ҳамсуҳбату ҳамнишин гаштаву таҷрибаи зиёде ҳосил намудааст, бо панду андарзҳои худ ба хурду калон писанд аст. Чанд панди ӯро тақдими шумо мекунем.*



# ФАЛСАФАИ ЯК РАҲНАВАРД

## ШАРАФ

**ШАХСЕ, ки умраш доим сарфи меҳнати ҳалол аст, ба пояи баланди эътибор мерасад. Вале дар гулистон баъзан хор ҳам баланд қад мекашад. Гулу гиёҳҳо зери сояи он мемонанд. Мешавад, ки гоҳе ба баландӣ мебарой, вале сарат чарх мезанад ва чашмонатро сахт мепӯшӣ, то аз баландӣ наафтӣ. Чун болотар мебарой, санги сартезро дудаста маҳкам медорӣ, то туро шамол набарад. Ба поён наменигарӣ, метарсӣ, чашмонат сиёҳӣ мезанад. Вале ҳаргиз баландии сунъиро ҳавас макун. Бо кӯмаки дигарон сари қулла баромада худро фотеҳ машумор, айб мемонанд ба ту. Панди ҳакимонро шунав, ки гуфтаанд:**

***"Ҳар ки худ соянишин аст, соя надорад".***

**Шахсеро ҳимоятгаронаш сӯи зинаҳои баланд мебаранд, дар охир ба мансаби баланде ҳам расонданд, ҳарчанд ба ин сазовор набуд. Лаҷоми мансабро ба дасташ гирифт, ки гирдаш ёрону азизони нав парвона гаштанд, таърифу тавсиф карда, ба осмони ҳафтум бардоштанд, ҷомаи заррини шуҳрат пӯшондаанд. Вай дигар ба зер нанигарист, гардандарозӣ мекард аз беходӣ.**

***"Макун гардандарозӣ, то насозад даҳр поймолат",*** **- гуфтаанд.**

**Вале ӯ ҳеҷ аз аспи ғурур нафуромад ва коре ҳам ба сомон нарасонд, ки писанди мардумон гардад. Ба дилҳо тухми некӣ накошт, чун санги кӯҳ сарду бебаҳра монд. Ниҳоят санги ҳаводис ба сараш зад ва ӯро бо мансабаш аз байн бурд.**

## НОНУ НАМАК

**ОДАТИ хубе дорад марди мусофир. Ҳангоми хайрбод ба соҳибхона мегӯяд:**

**- Нону намаки шуморо кам кардем, Худо афзояд. Хонаобод монед.**

**Гузаштагони соҳибдилу соҳибназарамон борҳо таъкид намудаанд:**

**"Намак хӯрдӣ, намакдонро нашикан. Намак хӯрдан хоҳӣ, аз дастурхони одами нек бихӯр. Намаки нокасон мисли заҳр аст..."**

**Хирадманде гуфтааст: *"Ҳама мардони олам аз синаи модар шир макиданду аз лабони зан ком бардоштанд ва аз дасти зан намак хӯрданд. Намаки дасти зан муъҷиза дорад. Номи занеро, ки аз дасташ намак хӯрдаӣ, як умр аз хотир набарор, ки ба кӯрӣ мебарад. Қадри намаки мардум бояд донист".***

## АЗ ХУД МАРАВ...

**ШУКРОНАИ дӯст бикуну қадри дӯстиро бидон, ки бими душманони туст. Аз дӯсти беғараз, ҳамсояи хоксору ширкастанафс, ҳамдеҳагони одӣ, ҳамкорони асил, худро канор магир, ки рӯзе бе ёр мемонӣ. Агар хоҳӣ, ки машҳури олам шавӣ, аввал дар дили ҳамдеҳагони худ ҷой шав. Бегонагонро эҳтиром намо, вале ҳамдеҳагони худро аз ёд набарор, азиз дор.**

**Мардеро медонистам, ки дар ҷойи сердаромад кор мекард. Муҳтоҷи касе набуд. Аз ғаму шодии ҳамсояҳо, аз тӯю азои онҳо худро канор мегирифт. Бо баҳонаи серкорӣ ба остонаи касе пой намегузошт. Бовар дошт, ки бе дигарон низ рӯзаш мегузарад. Маротибае худ ба ғам дучор нашуда, ба шодию ғами дигарон низ ҳамроҳ шуданашро касе надидааст.**

**Боре ба ёди падари даргузаштааш бо хони пур аз анво маросими ёдбуд орост. Аммо касе аз дараш надаромад. Чун ӯ аз худ рафт, дигарон аз ӯ рафтанд; чун аз дари мардум надаромад, он рӯз касе аз дари ӯ ҳам надаромад; сари дастурхони ҳамсояҳо нишастанро ба худ ор медонист, он рӯз сари дастархонаш холӣ монд. Танҳопараст буд, ба танҳоӣ гузоштанд ӯро.**

## ҚАДРИ ЛАҲЗА

**УМРИ тӯлонитарин ҳам аз лаҳзаҳо сурат мегирад. Агар лаҳзаҳо набошанд, соатҳо нестанд, соатҳо набошанд, рӯзҳою моҳҳо вуҷуд надоранд. Пас, дарёб, ки лаҳза чист, аз куҷо то ба куҷост, аз кай ба кай мегузарад. Лаҳза дирӯзу фардо надорад. Имрӯз ҳам беҳуда буда наметавонад. Ҳамин нафас асту ҳамин дам, бе такрору даргузар, худи зиндагӣ лаҳзаест.**

**Лаҳзаи ширинтарин кадом аст? - Вақте ба дунё меоем, вақте ки лаззати пистони модарро мечашем, вақте ки як даст дар дасти модар, аввалин бор қадам бар замин мегузорем, вақте нахустин амали некро дар ин дунёи ҳастӣ иҷро мекунем, вақте аввалин киштаамон сабз мешавад ва аввалин ҳосили кори худро мебардорем...**

**Лаҳзаҳои талхтарин кадом аст? - Видоъ бо дӯстон, ҷудоӣ аз модар, ба хок супурдани падар...**

**Лаҳзаҳои ҳаяҷонбахштарин кадом аст? - Бо номи Ватан рафтан ба корзор ва баргаштан бо пирӯзӣ...**

**Лаҳзаҳои беқадртарин кадом аст? - Умри дарози бемақсад ва дили бемеҳр.**

**Беҳтарин лаҳза кадом аст? - Лаҳзаи некӣ ба одамон, кӯмак расонидан ба корафтодае.**

**Лаҳзаи нангин кадом аст? - Дур аз мардум будан, гурехтан аз майдони набард. Шарафу номуси модарону хоҳаронро бе ҳимоят гузоштан...**

*Таҳияи* **Нақибхон Туғрали МАНСУРИЁН**, *омӯзгор*



# ТУРИЗМ ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

**Дар ҷаҳони муосир имрӯз соҳаи туризм яке аз манбаҳои асосии даромади буҷаи мамолики мухталиф мебошад. Рушди соҳаи мазкур ба соҳаҳои гуногун, аз ҷумла тиҷорат, нақлиёт, хизматрасонӣ таъсиррасон аст. Кишвари мо низ ниёз ба рушди туризм дошта, чун дорои мероси қадимаи таърихӣ-фарҳангӣ, захираҳои нодири табииву рекреатсионӣ ва зарфиятҳои азим мебошад.**

Аз ҷониби Ҳукумати кишвар чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Агар соли 2003 ба кишвари мо 130 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ташриф овард, пас соли 2009 ин шумора ба 500 ҳазор нафар расидаву шурӯъ аз ин давра рӯ ба афзоиш аст. Аз ҷониби давлат қабул шудани санадҳои муҳим, аз ҷумла барномаҳои рушди туризм барои солҳои 2010-2014 ва 2015-2020 саривақтӣ буда, баёнгари таваҷҷуҳи махсус доштани Ҳукумати кишвар ба ин соҳа мебошад.

Бо таассуф бояд зикр намуд, ки имрӯз дар самти омода сохтани мутахассисони соҳа дар кишвар мушкилоте мавҷуданд, ки роҳи ҳалли худро тақозо доранд. Таҳлили барномаи омодасозии мутахассисони соҳаи туризм дар кишвар баъзе костагиҳои бахши таълимро нишон дод. Донишҷӯён ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ набуда, мазмуни таълимро ба шароити имрӯза мутобиқ намудан лозим аст. Бисёр устодони фанҳои туризм мутахассиси соҳа набуда, фаъолияти онҳо бозомӯзиро талаб мекунад. Адабиёти таълимии соҳавӣ бо забони давлатӣ кофӣ нест.

Роҳбарони корхонаҳои туристӣ дар навбати аввал камбудиҳои зерини хатмкардаҳои макотиби олии кишварро қайд мекунанд: иштибоҳ дар интихоби касб, "яку якбора" дархост намудани вазифаи баланд, норасоии донишу малакаи махсус ва норасоии малакаи таҷрибавӣ. Тадқиқот нишон дод, ки дар марҳилаи аввал ҳалли муаммои омода намудани усули ягонаи таълим, стандартҳои таҳсилот ва ба низом даровардани фаъолияти мактабҳои олии ҷумҳурӣ, ки дорои ихтисоси туризм ҳастанд, зарур аст. Бо ин мақсад дар доираи ин барнома Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат дар дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф, Академияи улуми ҷумҳурӣ, муассисаҳои давлативу тиҷоратӣ як зумра корҳоро ба анҷом расонид.

На дар ҳама макотиби олӣ стандартҳои мукаммали ихтисос мавҷуд аст. Нақшаҳои таълимии ягонаи ихтисосҳои якхела мавҷуд набуда, ба талабот умуман ҷавобгӯ нестанд. Бо мақсади ислоҳи камбудиҳо дар давоми солҳои 2011-14 аз ҷониби мутахассисон ва олимони донишкада якчанд сафари хориҷӣ, аз ҷумла ба Донишгоҳи РУДН, Донишгоҳи сервис ва туризми Русия, Академияи байналмилалии туризми Русия, Донишгоҳи "Ойдин"-и Истамбул, Донишгоҳи давлатии Боку анҷом дода шуд, ки зимни онҳо кору фаъолияти онҳо омӯхта шуд. Аз тарафи иштирокчиёни лоиҳа зарур шуморида шуд, ки бо мақсади ҳамкорӣ миёни макотиби олии ҷумҳурӣ Маркази таълимӣ-методӣ дар соҳаи туризм, сервис ва меҳмоннавозии назди Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шавад, ки дар ин ҷо олимону коршиносон ва мутахассисон бо таҳлилу таҳқиқи фаъолияти ин макотиби олӣ машғул шаванд. Ба сохтори Маркази таълимӣ-методӣ 5 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, 3 объекти хоҷагидори соҳаи туризм ва 6 меҳмонхонаву тарабхонаҳо шомиланд. Вазифаҳои дар назди Марказ гузошташуда тамоми паҳлуҳои соҳаро дар бар гирифта, тавассути комиссияҳои махсуси корӣ, ки дар назди он созмон дода шудааст, амалӣ мегарданд. Дар ин давра аз тарафи комиссия оид ба муоина ва ба нашр тавсия намудани китобҳои дарсӣ як қатор васоити таълимӣ ба нашр расид.

Бо дарназардошти дараҷаи пасти омодагии касбии мутахассисон ва ба низом даровардани таъминоти кадрии индустрияи туризм дар ҷумҳурӣ гузаронидани ислоҳоти соҳаи туризм зарур аст. Ислоҳот бояд созмон додани низоми омодасозии кадрҳои ҳамаи дараҷаҳои ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ ва ба ин мақсад омода намудани барномаи соҳавии ҳукуматиро дар бар бигирад. Аз хулосаҳои тадқиқот бармеояд, ки дониши мукаммали ихтисоси соҳаи бакалавр ва магистрро дар доираи Донишкадаи туризм гирифтан мумкин аст. Бинобар ин, хуб мешуд, агар дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи туризм таъсис дода шуда, ба он базаҳои таълимӣ вобаста карда мешуд. Айни замон зарурияти воқеии созмон додани маҷмааи таълимию истеҳсолии туристӣ ба миён омада аст, ки дар он на танҳо нерӯи таълимӣ ва методии донишгоҳу донишкадаҳо мавриди истифода қарор хоҳад гирифт, балки захираҳои инсонӣ ва моддии корхонаҳои туристӣ ҳамчун пойгоҳи амалӣ барои гузаронидани таҷрибаҳо хидмат хоҳанд кард.

Ҳангоми интихоби объектҳои таҳлил анъанаҳои чандинасраи меҳмоннавозӣ, рушди иқтисоди бозорӣ, наздикӣ ба анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон, қобили қабул будан ба низоми (моделҳои) идоракунии соҳибкорӣ дар шароити Тоҷикистон, монандии фаҳмишот дар доираи мафҳуми туризм ва меҳмоннавозӣ ба инобат гирифта шуданд. Барои омӯзиш таҷрибаи тайёр кардани мутахассисони саноати туризм ва меҳмоннавозии кишварҳое чун Фаронса, Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Америко, Швейтсария, Австрия ва Русия интихоб карда шуданд. Таваҷҷуҳи зиёд ба таҷрибаи Академияи байналмилалии туризми Русия зоҳир карда шуд, чун дар он дастоварди макотиби олии мамолики пешрафтаи хориҷӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Тоҷикистон ҳамчун минтақаи туристӣ тамоми он имкониятро дорост, ки дар ин самт дар минтақаву ҷаҳон аз пешсафон бошад. Ба қавли коршиносон, бо шарти дуруст ба роҳ мондани кор даромад танҳо аз алпинизму туризми кӯҳӣ метавонад аз 15 то 20 фоизи ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвари моро ташкил бидиҳад. Босамар истифода бурдани зарфиятҳои туристии Ватан аз ҷузъи асосии манофеи миллии мо маҳсуб мегардад.

**М. ҚОДИРОВА,** *доцент*
**Азамат ДӮСТОВ**




ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | К | | | Б | | | Б | | А | | И | | | Г |
| | | | | | | А | П | П | Е | Н | Д | И | Т | С | И | Т | | | А |
| | | | | | | Ф | | | Ш | | А | | Е | | | Қ | А | С | Д |
| | | | | | | А | Л | С | У | | Л | О | З | И | М | И | | | О |
| П | Е | Р | О | Ҳ | А | Н | | | М | И | Л | | И | | Е | | О | Л | И |
| | | А | | | Н | | | | О | | А | | | И | Ш | А | | В | |
| | | Ш | И | Ф | О | | А | Д | Р | А | С | М | О | Н | | Й | | О | |
| К | | И | | | Ҳ | И | С | | | Ҷ | | У | | Ш | У | Н | А | В | О |
| А | У | Д | И | | И | | О | М | Е | З | И | Ш | | О | | | | | К |
| Р | | | Д | | Т | | | | | | | О | Қ | О | | | | | С |
| А | В | Т | О | К | А | Р | | | | | | Ҳ | | Л | | | | | Ф |
| К | | И | | А | | У | | | | | | И | Ю | Л | | | | | О |
| А | | Г | | Т | | Р | | | | | | Д | | О | | | | | Р |
| С | И | Р | О | Я | Т | К | У | Н | А | Н | Д | А | | Ҳ | А | Ш | Т | О | Д |

Дуруст бинависем



# САЛОМ

***"Салом" яке аз пурмаънотарин калимаҳои арабии иқтибосӣ дар забони мост, ки ҳамтои куҳани тоҷикии он "дуруд" мебошад. Ҳама маъноҳои аслӣ ва маҷозии "салом" мусбат аст: сулҳ, оштӣ, дуруд, саломат, поку барӣ будан аз айбу нуқс, итоат, хайру хубӣ ва ғайра. Ислом низ аз ҳамин реша аст.***

**ЗОҲИРАН** маънои ин калима ба ҳар яки мо ошност ва зарурати баррасии он дар миён нест, аммо сабаби руҷуъ ба ин мавзӯъ он шуд, ки боре як барномаи радиоӣ махсуси баҳс дар мавриди "салом" ва навъи корбурди шифоҳӣ ва катбии ин калима дар танҳоӣ ва дар таркиби ҷумла буд ва бо ин суол ба инҷониб низ муроҷиат шуд.

Бояд гуфт, ки ба ин мавзӯъ бештар аз дидгоҳи ахлоқӣ ва одоб (этика) назар шудааст, чун "салом" ва салом додан муқаддима ва тоҷи одоб аст. Ин мавзӯъ дар ҳама рисолаҳои ахлоқии куҳан ва нав муфассал баррасӣ шудааст ва ба назар мерасад, ки риояи сиҳати забонии ин калима ҳам ҷузъи аввали ин одоб мебошад. Яъне, дуруст, ба сароҳат, лаҳну оҳанги муносибу шоиста ва бо самимият баён кардани он, ки беш аз ин фаротар аз доираи баҳси мост.

Аммо баҳси мазкур бештар сари ин нукта буд, ки баъзеҳо мегӯянд, танҳо "салом" гуфтан раво нест ва бояд "ассалому алайкум" гуфт ва баъзан намунаҳои беш аз инро ҳам ёдоварӣ менамоянд. Дар ин маврид лозим ба зикр аст, ки сурати такмилии салом ҳамроҳ бо таҳийёт бахше аз намоз аст, ки онро дар байни мардуми тоҷик бештар ба калимаи қадими тоҷикии "дуруд" ("Аттаҳийёт бо дурудҳояш") баён мекунад ва бо таркиби "ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ" поён меёбад ва касоне, ки ба ин маориф наздиканд, дар салом бар якдигар низ ҳамин таркибро ба кор мебаранд.

"Салом", "ассалом" ба сурати танҳо аз замонҳои куҳан корбурд доштааст. Ҳам дар назм ва ҳам дар наср:

***Магар бо дуруду салому паём,***
***Ду кишвар шавад з-ин сухан шодком.***
**(ФИРДАВСӢ)**

***Саломе чу бӯйи хуши ошноӣ,***
***Бар он мардуми дидаи рӯшноӣ.***
**(ҲОФИЗ)**

***Ассалом, эй олами асрори***
***Раббулоламин,***
***Ворисӣ илми Паямбар,***
***фориси майдони дин.***
**(Муҳташами КОШОНӢ)**

Дар айни ҳол бояд қайд, кард, ки "салом"-и танҳо дар мавқеъи масдар ва исм ҳам меояд ва дар таркибҳои "салом кардан, салом додан, салом гуфтан" ин нукта равшан аст ва вақте мегӯянд "ман салом кардам" метавонад ин хабарро бирасонад, ки "ман ба касе гуфтам: "ассалому алайкум" ва беш аз ин ҳам.

Аммо дар баёни салом он чи табдил ба ғалати ъом шуда ва борҳо аз расонаҳои умумӣ низ ба гӯшу чашм расидааст, ин аст, ки мегӯянд "саломат бар алейк" ё "алейкат бар салом", ки ҳеҷ маъно надорад. Асли баён он аст, ки гӯянд "ассалому алайкум" ва "ва алайкум ассалом", ки аввалӣ аз се ва дувумӣ аз чор ҷузъ (калимаҳои арабӣ) иборат аст: "ассалом+ъ-алай+кум" "салом+-бар+шумо" ва "ва+ъ-алай+кум+ассалом" "ва (низ, ҳамчунин) +салом+бар+шумо", ки дар мавриди дувум бидуни "ва" ҳам имкон дорад.

***Сунбула бо ёсуман гуфт:***
***саломун алайк,***
***Гуфт алайк-а-ссалом,***
***дар чаман ой, эй фато.***
***Ту мехиромию хуршеду моҳ***
***дар пайи ту,***
***Ҳамедаванд, ки эй хушлиқо,***
***салом алайк.***
**(МАВЛОНО)**

Алайк гуфтан (гирифтан) ба маънои ҷавоби салом собиқа дорад.

Шахсе, ки посухи саломро медиҳад, зеҳнан метавонад "салом"-и мухотабашро дар назар бигирад ва танҳо бигӯяд "ва алайкум" (ва низ бар шумо), яъне ҳамон салом, ки додед. Дар хусуси назокати корбурди ин шева аз Паёмбар (с) ривояти омӯзандаест, ки авҷи одобро нишон медиҳад. Дар ин ривоят омада, ки Паёмбар (с) дар роҳ бо ҳазрати Ойиша (р) мерафтанд, ки аз назди онҳо ҷамъе аз нохайрхоҳон гузаштанд ва хитоб ба онҳо гуфтанд: "Ассому алайкум". Паёмбар (с) бо чеҳраи боз ва тамкин фармуданд: "Ва алайкум". Аммо ҳазрати Ойиша (р) барошуфтанд ва бар онҳо хитоб карданд: "Сом (марг), бар шумо, (сам) заҳр бар шумо..." Баъди дур шудани онҳо Паёмбар (с) фармуданд: Набоист ба онҳо бо хушунат ҷавоб бидиҳӣ, ман гуфтам "ва алайкум" яъне "ҳамчунин бар шумо", ҳарчи дода буданд бар онҳо баргашт.

Дар ин ривоят ишорати нозукест, бар риояти каромати салом ва ҳамчунин ин маъно, ки шояд мавридҳое сӯитафоҳум роҳ ёбад ва бо иктифо ба "ва алайкум" мавзӯъ ҳал мешавад ва мақоми волои посухдиҳанда маҳфуз мемонад.

**ХУЛОСА:** ***Дар хитоб: Салом, ассалом, ассалому алайкум; дар ҷавоб: салом, ассалом ва алайкум, ва алайкум ассалом ҳар яке саҳеҳ мебошанд ва ҳар нафаре ҳам метавонад бо таваҷҷуҳ ба муҳит ва фазои маънавию фарҳангӣ аз он чи дар суннатҳои хубу саҳеҳ ҳаст, ҷузъе бар он биафзояд, берун аз такаллуф ва таассуб.***

**Рустами ВАҲҲОБ**


## "ИДЕАЛ" - дар ҳақиқат хароб мешавед!



"Идеал" -фитомаҷмӯи гиёҳӣ буда ба ҷабидани равған дар организм монеа мешавад, **холестеринро аз меъда бароварда ба таҷзияи он мусоидат мекунад;**
**- таъсири нарми дарунронӣ дорад;**
**- хориҷшавии моддаҳои зарароварро аз организм метезонад;**
- Боз аҷоиботи **"Идеал"** дар он аст, ки он на танҳо вазнро кам мекунад, балки ҳусну зебоии танро ба меъёр меоварад. Дар интернет "Идеал"-ро ҷӯё шавед ва худ шоҳиди таъсирнок будани он гардед.
**ИСТИФОДА:** Аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол (марду-зан) аз 1-то 3 донача 1 бор дар як рӯз шабона ҳангоми хӯрок, давомнокӣ аз 30 то 60 рӯз. **АЗ ДОРУХОНАҲОИ ШАҲР ПУРСОН ШАВЕД!**

ГУРДААТОН САНГ ДОРАД?

## ПРОЛИТ СУПЕР БА ШУМО КӮМАК МЕКУНАД!




**- ин маҷмӯъ шафоатест барои:**
**-пора намудан ва аз гурда бо нармӣ берун баровардани сангу қум;**
**-зидди илтиҳоб ва шамолхӯрии гурдаҳо истифода бурда мешавад.**
**-таркиби антисептикӣ ва антибактериалӣ дорад.**

Таъсироти асоси натиҷаовари он; хунукии гурда, инфексия, ва аз байн бурдани сангу қум. Бемороне ки тавассути **"Пролит супер"** табобат гирифтаанд, онро ҳамчун воситаи таъсирбахш бар зидди бемориҳои дар боло ёдовардашуда баҳо додаанд. Бо ҳисоботи идораи маркетологии байнидавлатӣ- **"DSEM grup"** аз рӯи фурӯши (дар системаи урология)ҷаҳонӣ, пролит супер дар зинаи аввал қарор дорад.

**Нархи фурӯш: 66 сомони. АЗ ДОРУХОНАҲО ХАРИДОРӢ НАМОЕД!**

## "ОРОМ БОШ!" – ДАВОИ РУСӢ БО НОМИ ТОҶИКӢ




**ХОБАТОН НАМЕБАРАД? ЗУД АСАБОНӢ МЕШАВЕД? ФАРОМӮШХОТИРӢ ТАШВИШАТОН МЕДИҲАД?**

Пас давои таъсирбахши **"Ором бош!"** барои шумост! Оре, чунин давое бо номи тоҷикӣ вуҷуд дорад ва он бо фармоиши ширкати дорусозии Тоҷикистон аз ҷониби дорусозони рус истеҳсол гардид. Қаблан ин даво дар бештар аз 40 муассисаи табобатӣ ва илмии Федератсияи Россия мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирифта, сазовори баҳои баланд гаштааст.

Таъсири **"Ором бош!"** хеле гуногун аст. **"Ором бош!"**: **бехобиро аз байн бурда, хобро мӯтадил месозад; рӯҳ ва асаби шахсро оромиву осудагӣ мебахшад; хотираро қавӣ мегардонад; раванди азёдкунӣ ва омӯзишро беҳтар менамояд. Таркиби набототии он стресс(тарсу ваҳм)-ро монеъ мегардад.**

Дар таркиби **"Ором бош!"** спирт ва қанд мавҷуд нест, бинобар ин, истеъмоли он барои гирифторони бемориҳои диабет, атеросклероз, фарбеҳшавӣ ва занҳои ҳомила зарур ва мумкин аст. **Тарзи истеъмол:** аз 12 сола боло ба ҳамаи сину сол рӯзе се маротиба 15-20 чакра. **Нархи фурӯш аз 25 то 27 сомонӣ. АЗ ДОРУХОНАҲО ДАСТРАС НАМОЕД!**


**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Аттестате, ки мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Варзоб соли 2014 ба Табарзода Барзуи Обид додааст, эътибор надорад.

Аттестате, ки мактаби таҳсилоти ҳамагонии № 55 ба номи Нӯъмон Розиқи ноҳияи Ваҳдат соли 1997 ба Шарифова Зебинисо додааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

**Кормандони Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ ба директори институт Амиров Назрулло Исматович нисбати даргузашти**
**ПАДАРАШ**
**изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.**

**Ташкилоти ҷамъиятии "Иттифоқи маъюбони Чернобил" ва Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ва ёру дӯстон ба раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе раиси Шӯрои "Иттифоқи маъюбони Чернобил"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимов Фаридун нисбати даргузашти**
**БАРОДАРАШ ФАРРУХ ҲАКИМОВ**
**изҳори намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Раёсати Шӯрои "Иттифоқи маъюбони Чернобил"-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва ёру дӯстон ба раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе раиси Шӯрои "Иттифоқи маъюбони Чернобил"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимов Фаридун нисбати даргузашти**
**БАРОДАРАШ ФАРРУХ ҲАКИМОВ**
**ҳамдардӣ намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ маталибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат: Хусрав Дӯстов
**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир,
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 49234 нусха**
Навбатдор: А.ДӮСТОВ


